ЗИНАТИ ИНСОН СЕ ЧИЗ АСТ: ИЛМ, МУҲАББАТ ВА ОЗОДӢ

# АНВОРИ ДОНИШ

E-mail: anvor.donish@kgu.tj **Нашрияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**
www.anvor.tj **№9 (354) 12-уми декабри соли 2024, панҷшанбе (оғози нашр: соли 1994)**




# ДАСТОВАРДИ БУЗУРГ ВА ШОИСТАИ ИФТИХОР

## ДАР ҲОШИЯИ ИСТИҚБОЛ АЗ ҶАШНИ 80-СОЛАГИИ ДОНИШГОҲ

*Мардуми шарифи Тоҷикистони азиз, хосатан ҳайати меҳнатии Донишгоҳ ифтихорманд аз онанд, ки бо азму ирода, заковату матонат, хирадмандиву адабпарварӣ, заҳмату талош ва тадбирҳои хусравонаву ояндабинонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар кишвар сулҳу осоиш ва ваҳдату ҳамдилӣ ҳукумфармо гардида, сарзамини соҳибистиқлоли мо дар тамоми олам ҳамчун макони сулҳ ва созгори миллӣ шинохта шуда, партави нуру сафо ва ҳамдигарфаҳмӣ равшанибахши хонадони тоҷик гардидааст.*

*Аз шарафи ин сиёсат дар замони соҳибистиқлолии кишвар Ҳукумати ҷумҳурӣ бо ташаббусу дастгириҳои бевоситаи Сарвари ватандӯсту хештаншинос дар қатори самтҳои гуногун ба соҳаи илму маориф ва фарҳангу маънавиёт таваҷҷуҳи хосса зоҳир гардида, ба дастовардҳои зиёди фарҳангӣ мушарраф гардидааст. Яке аз дастовардҳо, ин ташкили озмунҳои ҷумҳуриявии “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст” ба ҳисоб меравад.*

*Озмуни мазкур заминаи устуворро дар роҳи тарбияи ватандӯстиву хештаншиносӣ ва маърифатандӯзиву донишпажӯҳишии тамоми қишрҳои ҷомеа гузошта, рӯз то рӯз боиси зиёд гардидани теъдоди нафарони китобхон дар кишвар гардидааст.*

*Шоистаи таҳсин ва муҷиби ифтихор аст, ки донишҷӯёни Донишгоҳ соли 2024 зимни натиҷагирии даври ниҳоии озмун бо гирифтани 3 ҷойи намоён: 1 ҷойи якум (дар номинатсияи “Адабиёти классикии тоҷик” - Гулизори Абдуқодир-донишҷӯи курси сеюми факултети химия ва биология, зери роҳбарии Файзи Ашӯр-шоир, роҳбари маҳфили адибони ҷавони донишгоҳ), 2 ҷойи сеюм (як ҷой аз номинатсияи “Адабиёти ҷаҳон”-Саида Бобоева–магистранти соли дуюми факултети филология хориҷӣ, зери роҳбарии Шарофат Худойдодова-дотсент, муовини ректор оид ба муносибатҳои байналмилалӣ; як ҷой аз номинатсияи “Адабиёти муосири тоҷик”-Зиёвуддин Дустаҳмадзода - донишҷӯи курси чоруми факултети филология тоҷик ва журналистика, зери роҳбарии Зулфиев Гадомад-дотсент, декани факултети филологияи тоҷик ва журналистика) ва 2 “Ифтихорнома” барои иштироки фаъолона-Мафтунаи Сафархон-донишҷӯи курси дуюми факултети филологияи тоҷик ва журналистика дар номинатсияи «Адабиёти муосири тоҷик», зери роҳбарии Зулфиев Гадомад ва Аҳмадзода Сафина-донишҷӯи курси сеюми факултети физика ва математика дар номинатсияи «Адабиёти муосири тоҷик», зери роҳбарии Ашурова Саодат-ҷонишини декани факултети физика ва математика оид ба корҳои тарбиявӣ) миёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар нуфузи Донишгоҳро баланд бардошта, туҳфаи арзандаеро ба истиқболи Ҷашни 80-солагии донишгоҳ армуғон оварданд.*

**РИСОЛАТИ ВАТАНДОРӢ...**


С. 2-3

**САҲФАЕ АЗ ТАЪРИХИ ДОНИШГОҲ...**


С. 4-5

**ИЛМ ПИРӢ НАДОРАД...**


С. 6

**30-СОЛИ РУШД ДАР РОҲИ МАЪРИФАТАФЗОӢ**


С. 8-9

**ХАБАРҲО**


С. 12-14

*Хирад раҳнамою хирад дилкушой,*
*Хирад даст гирад ба ҳар ду сарой. Фирдавсӣ*



# РИСОЛАТИ ВАТАНДОРИИ ЯК ШАХСИЯТИ ФАРҲАНГӢ



*Аламхон Кӯчарзода, Узви вобастаи АМИТ*

**(Ба муносибати 100-солагии адабиётшинос Соҳиб Табаров)**

***Моҳи ноябри соли 2024 ба зодрӯзи адабиётшиноси варзида ва мунаққиди барҷастаи тоҷик Соҳиб Табаров (1924-2024) сад сол пур шуд. Зиндагӣ ва фаъолияти илмию таълимии ин шахсияти машҳури фарҳангӣ ба роҳи душвору ноҳамвор, вале пурҷӯшу хурӯши Тоҷикистони азиз пайваста ва тавъам буда, месазад гӯем, ки устод ба пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон – шаҳри Душанбе ҳамсолу ҳамтақдир аст.***

***Тирамоҳи соли 1924 дар деҳаи Чорраҳаи ноҳияи Муъминобод, ки ҳамагӣ аз ҳашт хонавода иборат буд, дар хонадони Табар ном мард писар ба дунё меояд. Фарзанди нахусти ин хонадон Мирзоназар ном дошт ва навзодро дар радифи исми бародараш Соҳибназар ном медиҳанд.***

Барои падари фақир парвариши ду тифли хурдсол душвор буд ва боз Соҳибназар бар асари беморие полиомелит дар синни 4-5-солагӣ як пояш фалаҷ шуда, ба нигоҳубини бештар ниёз дошт. Бинобар ин, соли 1931, вақте ки дар маркази ноҳияи Муъминобод хонаи бачагон таъсис ёфт, падар Мирзоназару Соҳибназарро ба ин ятимхона месупорад. Баъдтар ин ду бародар ба хонаи бачагони Тебалайи ноҳияи Кӯлоб нақли макон мекунанд.

Соҳибназар солҳои 1934-1939 дар омӯзишгоҳҳои педагогии шаҳрҳои Самарқанд, Панҷакент ва Кӯлоб таҳсил мекунад ва дар зарфи ҳафт соли таҳсил соҳиби шаҳодатномаи «аъло» гардида, ҳуқуқи дар мактаби олӣ беимтиҳон дохил шуданро пайдо мекунад.

Соли 1939 Соҳибназар ба факултети адабиёти Институти педагогии ба номи Т.Г. Шевченко (ҳоло Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ), ки он вақт ягона мактаби олӣ дар шаҳри Душанбе ба ҳисоб мерафт, дохил мешавад ва азбаски таҳқурсии мустаҳкам ва таҷрибаи хуби донишазхудкунӣ дошт, чун донишҷӯи фаъолу аълохон дар факултет ва умуман Донишгоҳи омӯзгорӣ эътибори калон пайдо намуд.

Соҳибназар ба курси се гузашта буд, ки Ҷанги Бузурги Ватанӣ сар шуд ва тамоми мардуми Иттиҳоди Шуравӣ ба ҳимояи Ватан бархестанд. Аз гурӯҳи 16-нафараи онҳо 14 касро ба майдони набард мефиристанд. Танҳо ду кас – яке Соҳибназар, ки ба сабаби як пояш маҷрӯҳ будан ҳуқуқи ба ҷабҳа рафтан надошт ва як духтар дар ақибгоҳ мондананд. Аксари устодони Институт низ ба ҷабҳа сафарбар гардиданд, бинобар ин, соли 1941 Институт баста мешавад.

Соҳиб Табаров азми ба ҷанги зидди фашизм бархостани устодон ба адибони тоҷикро оромона ба ёд оварда наметавонад: «Дар хусуси он ки ҷанги беамон чанд марди таҳамтани моро аз байн бурд, танҳо бо афсӯс сухан рондан мумкин аст. Вале боз як чизро аз хотир нобояд баровард, ки ҳангоме фашизми Германия тамоми хоки Украина, Белоруссия, Литва, Эстонияро забт намуд, ҳангоме ки қисми ғарбии Россия дар дасти фашизми немис монд, Ҳабиб Юсуфӣ, Ҳаким Карим, Абдушукур Пирмуҳаммадзода, Лутфулло Бузургзода, Фотеҳ Ниёзӣ, Сотим Улуғзода, Боқӣ Раҳимзода, Эммануэл Муллоқандов, аз ҷавонон Абдучаббор Қаҳҳорӣ, Муҳиддин Фарҳат барин родмардон, паҳлавонони таҳамтан, ватандӯстони беҳамтову баркамол, ки дорои ҳисси баланди ватандӯстӣ, дӯстиву бародарии халқҳо буданд, дар канор истода наметавонистанд… Номи ин фарзандони фарзонаи миллат, муҳофизи далери Ватан, устодони даҳҳо олимон, нависандагон, рӯзноманигорон, фолклоршиносон то ҳаёт аст, зинда мемонад. Банда назди ин мардони бузург як умр сари таъзим оварданро вазифаи муқаддаси худ мешуморам».

Ҳангоме ки соли 1942 Донишкада аз нав кушода мешавад, Соҳибназар дар як сол барномаи курсҳои се ва чорро аз худ карда, соли 1943 Донишгоҳро бомувафаққият ба итмом мерасонад. Ин ҷавони серғайрат соли 1945 ба аспирантураи назди филиали тоҷикистонии АИ СССР дохил шуда, таҳти роҳбарии узви вобастаи АИ СССР Е. Э. Бертелс соли 1949 дар мавзуи «Романи «Ғуломон»-и С.Айнӣ ҳамчун романи таърихӣ» дар Шурои илмии Институти шарқшиносии АИ ИҶШС (ш. Ленинград) рисолаи номзадӣ дифоъ мекунад. Устод баъдҳо дар ин маврид мегӯяд: «Як худи роҳбарии Е. Э. Бертелс, ҳимояи рисолаи номзадиям дар назди чунин мутахассисони оламшумули машҳуртарини Институти шарқшиносии ҷаҳон (академикон В. В. Струве, В. М. Алексеев, В. А. Гордлевский, И. А. Орбели, аъзо-корреспондентон Малов, Пигуловская, Тревер, Энгелгардт) бандаро водор сохтанд, ки ба ҳама гуна шиканҷа, азобу машаққат, қашшоқӣ, нодорӣ, бехонагӣ то охири умр тоб оварам».



Нимаи дуюми солҳои 40-ум ва солҳои панҷоҳум ба зиндагии Соҳиб Табаров пай дар пай комёбӣ ва хурсандиҳоро ба бор овард. Дар синни 25-солагӣ ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ соҳиб шуд. Ду сол пеш аз ин, соли 1947, ба узвияти Иттифоқи нависандагони ИҶШС пазируфта шуд. Моҳи декабри соли 1947 ба ордени Нишони фахрии ИҶШС мушарраф гардид ва соли 1953 аъзо-корреспонденти АИ Тоҷикистон интихоб шуд ва ғ. Мавсуф аз сентябри 1948, вақте ки дар Душанбе Университети давлатии Тоҷикистон таъсис меёбад, солҳои дароз дар он муассиса чун устод, мудири кафедра ва ноиби ректор оид ба илм фаъолияти басо самарабахш анҷом медиҳад.

Устод Табаров соли 1985 ба Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АИ Тоҷикистон ба кор омад ва минбаъд, то охири умри азиз, чун сарходими илмии ин Пажӯҳишгоҳ фаъолият намуд.

Ҳамин тариқ, устод Табаров дар даврони Шуравӣ мактаби пурқуввати адабиётшиносӣ ба вуҷуд оварда, дар ин мамлакати паҳновар ва берун аз он чун адабиётшинос, мунаққиди варзида ва Белинскии тоҷик шинохта шуд. Дар миёни 60 китоби хурду калон ва 740 мақола, тақриз ва мусоҳибаҳое, ки дар китоби «Осорномаи Соҳиб Табаров» (2014) қайд гардидаанд, 35 китоб ва 600 мақолаву тақриз ва мусоҳиба дар замони Шуравӣ таълиф ва чоп гардидаанд. Як қисмати мақолаҳои устод Табаров, ки ба нақди адабӣ бахшида шудаанд, дар 5 ҷилди «Ҳаёт, адабиёт, реализм» (1966-1989) ба табъ расидаанд.

Истиқлоли давлатии Тоҷикистон ба устод Табаров руҳи тоза бахшид ва барои таҳқиқи воқеии адабиёти нави тоҷик имконияти бештаре фароҳам овард. Устод дар ин ҳангом ба таҳлилу таҳқиқи як давраи камомӯхтаи адабиёти давраи нави тоҷик – адабиёти ҷадидия ва осори намояндагони алоҳидаи он мепардозад.

Соли 2001 Шурои олимони Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон устодро ба унвони «Доктор ва профессори фахрии Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон» сарфароз гардонд. Соли 2010 устод Табаров барои силсилаи рисолаҳои адабии тарбиявии солҳои охир ба Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ қадр карда шуд ва соли 2013 нашри дуюми рисолаи «Пайрав Сулаймонӣ» сазовори мукофоти АИ Тоҷикистон ба номи Муҳаммад Осимӣ гардид.

Барои дар сатҳи байналхалқӣ шинохтан ва эътироф намудани шахсияти фарҳангии Соҳиб Табаров таъсири чанд омили асосӣ, аз ҷумла ҳамвора мутолиа кардан, баҳрабардорӣ аз устодону омӯзгорон ва дидаву шунидаҳо, инчунин вазъи мусоиди оилавӣ, бармало мушоҳида мешавад. Аз ин ҷиҳат, хотираҳои устод оид ба мутолиаи китоб ҷолиби диққат аст. Аз ҷумла, ҳангоми таҳсили аспирантура солҳои 1945-1948 китобхонаи ҷумҳуриявии ба номи Фирдавсӣ чун муассисаи сеҳрнок ҳастии аспирантро батамом фаро гирифта буд: «Китоб ва китобхона дӯстони ҷонии ман мебошанд, маро ягон сол дар китобхонаи оличаноб ҳабс карда монанду аз ҳавои он нафас кашам ва аз китобҳо ғизо гирам…, банда худамро бе китобу бе китобхона мурда меҳисобам», – қайд кардааст устод дар китоби хотираҳои худ «Таассуроти ақлу дил».

Устод Табаров ҳамеша таъкид мекунад, ки ҷаҳонбинӣ аз дидану шунидан ҳосил мешавад ва ҳангоми мактабхонӣ, ҷавонӣ ва фаъолияти корӣ ба муаллимон ва шахсиятҳои зиёди фарҳангӣ, чун

Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Сотим Улуғзода, Лутфулло Бузургзода, Бобоҷон Ғафуров, Шарифҷон Ҳусейнзода, Мулло Эркаев, Иржи Бечкаи чех ва Манфред Лоренси олмонӣ вохӯрда, аз таълиму тарбия ва суҳбати ҷонпарвари эшон бархурдор гардидааст. Соҳиб Табаров, махсусан, се донишманди барҷастаи адабиёту фарҳанги Шарқро ба дараҷаи баланд парастиш мекунад: «Ҳоло дар назди ин се устоди безаволам – Садриддин Саидмуродзода Айнӣ, Евгений Эдуардович Бертелс ва Абдулғанӣ Муҳаммадович Мирзоев саҷда мекунам. Вагарна ҳақир ҳамон кӯҳистоние мебудаму ҳамон кӯҳистоние мемондам ва аз доираи Дуоби дурдастам берун намебаромадам», – гуфтааст муаллиф дар асари «Сипос ва қадрдонӣ».

Ва хушбахтии дигари устод Табаров боз дар он буд, ки Худо ба ӯ ҳамсари басо бовафову соҳибфарҳангро лоиқ донист. Соли 1942 ҳангоми муҳосираи Ленинград (Санкт-Петербурги ҳозира) се донишҷӯдухтари гурӯҳи тоҷикии факултети шарқшиносии Унверстети давлатии Ленинград – Ванда Витолдовна, Сара Казакевич ва Люба Корнилова ба факултети адабиёти Институти давлатии омӯзгории шаҳри Душанбе интиқол дода мешаванд. Соҳибназар аз миёни ин донишҷӯдухтарон ба Ванда Витолдовнаи меҳрубону ботамкин унс мегирад ва баъди хатми институт, баҳори 1945 ин ду мутахассиси ҷавон хонадор мешаванд.

Махсусан, вақте ки Ванда Витолдовна ду тифли ҳуҷистарӯ – Саодат ва Темурро ба хонадон ҳадя намуд, шодии падар ҳадду андоза надошт ва боз хурсандии Соҳиб Табаров дар он буд, ки ҳамсари меҳрубонаш дар муддати 63 соли зиндагии якҷоя, дар баробари фаъолияти омӯзгорӣ, бори рӯзгорро мардона ба дӯш гирифта, барои фаъолияти таълимию илмӣ ба шавҳар шароити мусоид фароҳам овард. Муаллима ба устод домулло гӯён муроҷиат мекард ва устод завҷаи меҳрубонашро асалам ё фариштаам гӯён ном мебурд.

Тирамоҳи соли 2008 барои устод Табаров вазнин омад, зеро дар ин айёми хазонрез ҳамсари меҳрубонаш ба беморӣ мубтало гардид ва дар миёнаҳои моҳи ноябр, бегоҳи панҷшанбе гӯё, ки хоб мерафта бошад, беозор аз олам даргузашт. Ванда Витолдовна Яблонскаяи лаҳистонӣ дар Ленинград ба дунё омада, Тоҷикистонро ватани худ интихоб намуд ва дар як гӯшаи зебоманзари он – шаҳраки Муминобод умри абад ёфт.

Дар ин ҳолат ягона тасаллои дили устод Табаров машғулияти илмию пажӯҳандагӣ буд, ки дар миёни солҳои 2008 ва 2012 таълиф намудан ва аз нав такмил дода, ба табъ расондани китобҳои ҳаҷман калони «Зиндагиномаи Садриддин Айнӣ» (1875-1899), ҷилдҳои якуму дувуми «Ҷаҳони андешаҳои Фитрат», «Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим», «Пайрав Сулаймонӣ» гувоҳи ҳол аст. Дар ҳамин айём устод боз ба дарёфт кардану аз назари таҳқиқ гузаронидани Девони шоир Файзи Алам ва Куллиёти Ҳоҷӣ Ҳусайни Хатлонӣ мепадозад.

Шояд, ба хотири хонанда чунин савоне пайдо шавад, ки дар айёми пириву озурдагии умр бар замми тадвину таҳияи китобҳои номбурда дар муддати чоруним моҳ дар 14 ҷузъи чопӣ таълиф намудани китобе бо номи «Файзиддини Дуобӣ (Файзи Алам)» ба домулло Табаров чӣ тавр муяссар мешуда бошад? Устод 15 декабри 2010 дар дафтари «Таассуроти ақлу дил» менависад: «Аз ҳолу вазъи ман напурсед. Мисли сада сарсабз дар биёбони танҳоӣ моҳхову солҳои охирини умрамро дар мизи кориам соатҳо гузаронида истодам: ду пой дар мӯзаи электрикӣ, чор-панҷ қабат либоси ғафс дар тан, агар электрик бошад, дар ҳар се хонаамон камину батареяи электрикӣ фурӯзон, аз соати 9 шаб дар таги се қабат кӯрпа, дар таги баданам матраси электрикӣ хоби ачал–пачал мекунам. Банда 60 сол зиёдтар боз, ҳамааш шуда дар як шабонарӯз чор соат хоб мекунаму халос. Боқиашро меҳонам, таҳлил мекунам, андеша менамоям ва умуман доимо аз илми асил фикр мекунам».

Оре, устод Табаров қадри умри даргузарро хеле хуб медонист ва ҳама кори дар зиндагӣ ба худаш вобастаро бо сарбаландӣ ва масъулияти баланди ватандорӣ ба сомон расонд: асарҳои сершумори мондагор навишт, шогирдони зиёде тарбия карда ба воя расонд, дар маркази ноҳияи Муъминобод бо дастгирии ҳукумати ҷумҳурӣ биное сохта, ҳама китобҳо ва бойгониашро ба он ҷо кӯчонид, завҷаи азизашро дар ҳавлии «Ганҷинаи нақди адабии Соҳиб Табаров» ба хок супорид ва худ низ 12 апрели соли 2015, дар синни 91-солагӣ, дар бари хоки бонуи меҳрубонаш ҷо гирифт.

Бо амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тирамоҳи соли ҷорӣ ҷашн гирифтани 100-солагии ин фарзонафарзанди халқи тоҷик гувоҳ бар он аст, ки шахсиятҳои барҷастаи илмӣ ва фарҳангӣ дар ҷомеаи мо ҷун ганҷинаи маънавӣ дар ҷомеа соҳибэътибор анд.

**Бознашр аз рӯзномаи "Адабиёт ва санъат", №46 (2276), 21.11.2024**

# ЭМОМАЛӢ РАҲМОН-ПЕШВОИ СУЛҲОВАРИ ТОҶИК



***Воқеан ҳам ҷомеашиносон бисёр дуруст қайд намудаанд, ки нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар барқарор намудани сулҳу ваҳдати миллӣ беназир буда, мавқеи муҳим дорад. Боиси ифтихори мардуми тоҷик аст, ки таҷрибаи сулҳи Тоҷикистон аз ҷониби бонуфузтарин созмонҳои байналмилалӣ, қисми зиёди кишварҳои ҷаҳон ва мақомоти олии давлатҳои гуногун ҳамчун як падидаи нодир ва ибратомӯз пазируфта шудааст. Мо ифтихор мекунем, ки Созмони Миллали Муттаҳид «Созишномаи сулҳи тоҷикон»-ро пирӯзии ақлу хирад, намунаи олии дарк намудани манфиатҳои Ватану миллат ва масъулияти бузург дар баробари ҷомеа пазируфта ба чунин қарор омадааст: «Тоҷикон Созишномаи сулҳро дар паси сангарҳо тарҳрезӣ карданд. Қиммати сулҳи тоҷикон беҳамтост. Вай дар роҳи пойдории сулҳи сартосарии ҷаҳон намунаи ибрат хоҳад буд».***

Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки вазъи ҷаҳони муосирро ба ташвиш овардааст ин масъалаи таъмини сулҳу субот ва истиқлолияти комил ба даст овардани давлатҳо мебошад. Таъсири терроризм ва интиқоли маводи мухаддир то рафт ба таъмини сулҳу суботи ҷаҳон халал ворид намуда истодааст. Дар ин росто Ҷумҳурии Тоҷикистон зери роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баҳри таъмини сулҳу субот ва пешгирии маводи мухаддир мубориза шадид мебарад.

Қайд намудан ба маврид аст, ки оид ба сулҳ, терроризм ва пешгирии маводи мухаддир Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чандин маротиба дар бонуфузтарин созмонҳои байналмилалӣ ба мисли Созмони Милали Муттаҳид баромад намуда, аҳли башарро барои муборизаи беамон бар зидди ин амалҳои номатлуб даъват менамояд.

Зикр намудан ба маврид аст, ки баъди пош хурдани Иттиҳоди Шӯравӣ ва соҳибистиқлол гардидани ҷумҳуриҳо, соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистонро ҳамаи мардумаш пазируфтанд. Вале дар як муддати кутоҳи таърихӣ душманони баъдхоҳи миллати тоҷик ба истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон зиён ва ҷанги шаҳрвандиро дар ин сарзамин ба вуҷуд оварданд. Дар як муддати кутоҳ вазъият ниҳоят ҳассос ба назар расида дар натиҷаи нооромиҳо шахсиятҳои баруманди кишвар ва ходимони давлатӣ бераҳмона таҳдиду ба қатл расонида шуданд. Ин солҳои мудҳиш бо ҳамаи кулфату азобу бадбахтиҳояш дар хотири мардуми тоҷик нақш бастааст ва мо ҳақу ҳуқуқ надорем, ки онро фаромӯш созем. Набояд фаромӯш созем, ки даҳҳо ҳазор манзилҳои обод, мактабу кӯдакистонҳо, марказҳои фарҳангиву маърифатӣ хароб ва тӯъмаи оташ шуданд. Аз як тараф қатлу куштори бераҳмона ва аз тарафи дигар гурусснагиву бенавоӣ домангири мардум гардида, парокандашавии миллатро ошкоро таҳдид менамуд.

Аз миён рафтани давлат ва ҳамчунин давлати соҳибистиқлол аз харитаи сиёсии ҷаҳон нест шудани Тоҷикистон дар назар дошта шуда буд. Дар натиҷаи нобасомониҳо иқтисодиёти давлат ба нол баробар гардида буд. Касе кафолати ҷони дигаронро дода наметавонист. Ин лаҳзаҳои мудҳишро шоири зиндаёди тоҷик Ашӯр Сафар чунин ифроз намуда буд:

***Як бори дигар ханда ба лаб***
***мешуда бошад,***
***Дар кишвари ғам базму тараб***
***мешуда бошад....***

Дар ин маврид нафареро лозим меомад, ки нофаҳмиеро, ки дар байни миллати тоҷик ба вуҷуд омада буд фаҳмонида, пеши роҳи қатлу куштор аз байн рафтани миллату ватан ва иқтисодиёташро нигоҳ дорад. Чун вазъи ҷумҳурӣ ниҳоят ҳассосу ноором ба назар мерасид касе масъулияти барқарор намудани сулҳу ваҳдати миллиро ба души худ намегирифт. Дар чунин вазъияти ниҳоят ҳассос бо ҳадяи Яздони пок Президенти Ҷумҳуриамон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин масъулияти бузургро ба душ гирифта, қавл доданд, ки «Баҳри истиқрори сулҳ дар Тоҷикистон ва баргардонидани ҳамаи гурезаҳо ман тайёрам ҷони худро нисор кунам». Воқеан Президенти мамлакатамон дар қавли худ истода ҷони худро барои барқарор намудани сулҳу ваҳдат дареғ надониста, миллати тоҷикро аз вартаи нестшавӣ нигоҳ доштанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хеле дуруст қайд намудаанд, ки «Мо ба остонаи сулҳ бо ранҷу азобҳо, заҳмату машаққатҳо, табодули афкори тарафайн, музокироти тулонӣ ва баҳсҳои дурру дароз расида, оқибат осоишу амнияти кишварро таъмин намудем».

Бояд қайд намуд, ки пешравии ҳамаи давлатҳо аз сулҳу субот ва соҳибистиқлолии онҳо вобастагии калон дорад. Худ қазоват кунед, ки давлатҳои абадқудрати ҷаҳон чигуна боигарӣ доштанду дар айни замон дар кадом ҳолат қарор доранд. Дар байни мардум мақоли хубе ҳаст «Обод кардан мушкилу вайрон кардан осон». Ҷангҳои шаҳрвандӣ дар муҳлати кутоҳ метавонад, ки иқтисодиёти давлатро хароб сохта онро ба нестшавӣ бурда расонад.

Мардуми шарафманди тоҷик пас аз ба даст овардани истиқлолият ва ваҳдати миллӣ дар атрофи сарвари худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муттаҳид шуда, баҳри ободонии кишвар талош намуда, ба дастовардҳои бузург ноил гардида, аз самараи он ба хуби истифода бурда истодаанд. Дастовардҳои илмию фарҳангӣ, иқтисодию сиёсӣ ва соҳаи маорифу тандурустӣ нуфузи кишвари моро дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам боло бурд. Баромадҳои сарвари давлат дар бонуфузтарин созмонҳои байналмилалӣ ба мисли Созмони Милали Муттаҳид ва гузоштани ҳалли масъалаҳои мубрами ҷаҳонӣ шаҳодати башардӯстии мардуми тоҷикро нишон дод.

Қайд кардан ба маврид аст, ки имрӯз ҳам давлатҳо ва ҳизбу ҳаракатҳои иртиҷоие ҳастанд, ки аз дастовардҳои соҳибистиқлолии Тоҷикистон, ки бе муболиға ин қадар дастовардҳоро дар замони Шӯравӣ ба даст наоварда буд, нодидагирӣ намуда, пойдории сулҳу ваҳдати Тоҷикистонро нахоста, талабгоранд, ки ба сулҳу суботи он халал ворид намоянд. Фаромӯш набояд сохт, ки беҳтарин неъмате, ки ба миллати тоҷик имрӯз муяссар гаштааст ин истиқлолият ва сулҳу ваҳдати миллӣ мебошад ва ҳар яки моро лозим меояд, ки онро ҳамчун гавҳараки чашм нигоҳ доште нагузорем, ки нохалафони миллат онро доғдор созанд.

Бигузор соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон абадан пойдор монда обрӯ ва нуфузи он дар арсаи байналмилалӣ зери роҳбарии сарвари оқилу доноимо-Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, боз ҳам баландтар равад.

*Лоиқов Парвиз, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии педагогика*

*Чӣ гуфт он ҳунарманд марди хирад,*
*Ки доно зи гуфтори ӯ бар хурад. Фирдавсӣ*



## БА ИСТИҚБОЛИ ҶАШНИ 80-СОЛАГИИ ДОНИШГОҲ

# САҲИФАЕ АЗ ТАЪРИХИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ (СОЛҲОИ 1960-1962)

Фаъолияти пурсамари муассисаи таълимӣ ҳама вақт ба кадрҳои баландихтисос вобаста аст. Дар фаъолият ва ташкили раванди таълим, ин омил бештар нақш мебозад. Барои ҳамин ҳам пас аз анҷоми ҷанг ва саршавии барқароркунии хоҷагии халқ тибқи қарори Вазорати маданияти Иттиҳоди Шӯравӣ аз 15 августи соли 1945 таҳти №1373 дар заминаи омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Кӯлоб, ки дар гузашта номҳои «Курси педагогӣ» (1931-1934), «Техникуми педагогӣ» (1934-1935), «Комбинати педагогӣ» (1935-1938) ном доштааст, Институти дусолаи муаллимии шаҳри Кӯлоб таъсис ёфт.

Институти дусолаи муаллимии Кӯлоб (ҳоло Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чаҳорумин ва дар Ҷануби Тоҷикистон нахустин боргоҳи илму маърифат ба шумор рафта, соли 2015-ум таҷлили 70-солагии он баргузор гардид.



Муассиса дар ибтидо дар ҳуҷҷатҳои расмӣ бо номи «Донишкадаи муаллимии Кӯлоби Комиссариати Халқии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон» низ омадааст.

Дар ибтидои кор дар донишкада се факулта: таърих ва филология, физика ва математика, табиатшиносӣ ва ҷуғрофия амал мекард. Соли хониши 1945-1946 аз тамоми гушаю канори вилояти Кӯлоб 48 нафар ҷавонписарон ва ҷавондухтарон ба донишкада қабул шуданд. Ин ҳам дар натиҷаи чорабиниҳои зиёди раёсати донишкада, шуъбаҳои маорифи ноҳияҳо, вилоят, ташкилотҳои ҳизбӣ ва комсомолӣ ба даст омада буд.

Дар ибтидои солҳои 50-ум донишкадаи муаллимии Кӯлоб яке аз маҳзанҳои муҳими тайёр кардани кадрҳои баландихтисос барои хоҷагии халқ ба ҳисоб мерафт.

Нимаи дуюми солҳои 50-уми асри гузашта давраи рушди бемайлони донишкадаи Кӯлоб буд. «Шумораи донишҷӯёни донишкада дар ин давра ба 750 нафар расида, дар се факулта: физикаю математика, таъриху филологияи тоҷик (дар 30 гурӯҳи таълимӣ), таҳсил мекарданд. Солҳои 1958-1959 Донишкадаи давлатии омӯзгории Кӯлоб дар таълиму тарбия ва корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар байни мактабҳои олии ҷумҳурӣ яке аз пешсафҳо буд».

Дар ин соли хониш Ф. Усмонов, А. Сиддиқов, И.И. Палгиков, М. Назаршоев, А. Муъминов, А.В. Килкинов, М.Г. Ярошевский, Э.А. Загумёнова, Л.Г. Камолова, И. Тамлихоев, Ф. Қудратова, М. Қурбонов, Р. Юсупова, Х. Мухтаров, Б. Муродов, А. Суфиев, А.И. Аминов, П.А. Вайнгурт, М.Н. Чиликина, И.П. Конкова, М. Исмоилов, Р.Т. Токарёва, С. Азизов, Х. Қодиров, Ш. Раҳмонов, А. Акбаров, К.П. Марсаков, Б.Ғ. Боғиров, М.Л. Латипов, М.В. Читкова, С. Файзуллоев, В.Д. Пчелников, М.И. Махаревич, В.С. Мицнер, А. Асроров, В.А. Сивочуб, Е.Б. Амитин, Р.Ф. Иланова, Ш. Юсуфов, М.Г. Ризоев, С. Холмадов, О. Қурбонов, Ч. Мардонов ва дигарон кору фаъолият мекарданд. Дар байни онҳо 5 нафар номзади илм ва 3 нафар дотсент буданд.

Вале, соли 1960 дар натиҷаи кӯтоҳандешии баъзе роҳбарони Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон Институти давлатии педагогии Кӯлоб барҳам дода шуда ва ба филиали Институти давлатии педагогии Душанбе ба номи Т.Г. Шевченко (ҳоло Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ) табдил дода шуд, аз соли 1960 то соли 1962 пурра фаъолият кард.

Дар натиҷаи ин дигаргунсозиҳо шумораи олимон, мутахассисон, омӯзгорон ва кормандони донишкада ба маротиб кам шуд. Масалан, бо фармони ректори донишкада №81 аз 17 августи соли 1960-ум «Вобаста ба мутаҳидшавии Донишкадаи педагогии Кӯлоб бо Донишкадаи педагогии Сталинобод ба номи Т.Г. Шевченко ва баҳри иҷрои фармони Вазорати маорифи РСС Тоҷикистон аз 23 июни соли 1960, №134 оид ба ихтисори воҳиди кори кормандони Донишкадаи педагогии Кӯлоб» 31 нафар кормандони Донишкадаи педагогии Кӯлоб аз кор озод карда шуда, ба онҳо мукофотпулии дуҳафтаина дода шуд.

Донишкадае, ки дар давоми солҳои 1945-1960 аз нарасидани омӯзгорони варзида танқисӣ мекашид ва нав қомат рост карда буд, дар натиҷаи аз кор озод кардани омӯзгорону кормандон зарари ҷиддии маънавӣ дид. «Агар дар солҳои хониши 1959-1960 Донишкадаи давлатии омӯзгории Кӯлоб беш аз 750-800 донишҷӯ дошта бошад, дар соли хониши 1960-1961 аз онҳо танҳо 320 нафар, аз ҷумла 140 донишомӯзони курси чаҳорум ва 180 нафар донишомӯзони курси панҷум боқӣ монданд. Барҳам додани Донишкадаи омӯзгорӣ ба халқи ҳавзаи Кӯлоб зарари ҷиддии маънавӣ ва иқтисодӣ овард».

Дар барҳам додани Донишкада, албатта, беандешагӣ ва саросемагии кормандони ҳамонвақтаи Вазорати маорифи ҷумҳурӣ, Шурои Вазирони Тоҷикистон ва Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон ҳис карда мешуд.

Аксари омӯзгорони пуртаҷриба, ки аз гӯшаю канори мамлакат ҷамъ омада буданд, ба дигар мактабҳои олӣ ва мактабҳои миёнаи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ тақсим шуданд. Дар байни онҳо доктори илми равоншиносӣ профессор М.Г. Ярошевский, номзади илми таърих, дотсент К.П. Марсаков, номзади илми фалсафа, дотсент Қ. Собиров, номзади илми таърих, дотсент Н. Латифов, муаллимони калон М.Н. Назаршоев, Н. Сафаров, А.Л. Спектор, Д.Г. Резник, А. Аминов, А. Асроров, А. Сатторӣ, Н. Кириленко ва дигарон буданд, ки донишкадаи давлатии педагогии Кӯлобро ноилоҷ тарк намуда, ба дигар шаҳрҳои собиқ ИҶШС рафтанд.

Муттаҳидшавии Донишкадаи педагогии Кӯлоб бо Донишкадаи педагогии Сталинобод ба номи Т.Г. Шевченко дар вазъи таърихие ба вуҷуд омад, ки дар Тоҷикистон ҷараёни торафт болоравии нуфузу эътибори мактабҳои олӣ сурат мегирифт, шумораи дохилшавандагон ба ин боргоҳи илму маърифат торафт зиёд мешуд. Масалан, солҳои 1959-1960 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 4 омӯзишгоҳ амал мекард: омӯзишгоҳи томактабии Сталинобод, омӯзишгоҳи Ғарм, омӯзишгоҳи Панҷакент, омӯзишгоҳи педагогии Кӯлоб ва шумораи бисёри ҷавондухтарон ва ҷавонписарон ба ин омӯзишгоҳҳо дохил шуда, таҳсил мекарданд. Аз тарафи дигар шумораи ба мактабҳои олӣ дохилшудагон низ рӯ ба афзоиш оварда буд. Масалан, соли таҳсили 1960-1961 фақат ба донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин (феълан Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) 905 нафар қабул шуда буданд, ки аз он шумора 365 нафарашон ба шуъбаи ғоибона, 150 нафар ба шуъбаи шабона ва 390 нафарашон ба шуъбаи ғоибона тааллуқ доштанд. Қабули донишҷӯён ба курсҳои 1-уми донишкадаҳои педагогӣ бошад дар ҳамин соли таҳсил 895 нафарро ташкил мекард, ки 420 нафарашон ба шуъбаи рӯзона, 400 нафарашон ба шуъбаи ғоибона ва 75 нафар ба шуъбаи шабона рост меояд.

Дар шароити болоравии ҷараёни умумии системаи маориф, ки талаботи замон буд, барҳам додани Донишкадаи педагогии Кӯлоб ба мақсад мувофиқ набуд.

***Донишкада баъд аз 2 сол, бо қарори Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон ва Шӯрои Вазирони Ҷумҳурӣ аз 27 июли соли 1962 ба Донишкадаи соҳибихтиёри мустақил тадбил дода шуд, аммо зарурати объективии аз сари нав барқарор намудани Донишкадаи давлатии омӯзгории Кӯлоб вобаста ба талаботи рӯзафзун ба кадрҳои омӯзгорӣ, равнақу ривоҷи Маорифи халқи вилояти Кӯлоб ва Ҷумҳурии Тоҷикистон пештар пайдо шуда буд. Ин зарурият дар мактуби расмии ректори Донишкадаи давлатии педагогии Сталинобод Х. Солеҳбоев ба унвони Раиси кумитаи давлатии таҳсилоти олӣ, миёнаи махсус ва касбӣ-техникии Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон Шокиров А.М. аз 10 майи соли 1961 пурра инъикос ёфта буд.***

***Мо лозим донистем, ки матни пурраи мактуби расмиро биёрем. «Во-***

***баста ба муттаҳид кардани Институти педагогии Кӯлоб бо Институти педагогии Сталинобод ва барҳамдиҳии дар пешистодаи филиали ҳоло амалкунандаи Кӯлоб аз соли таҳсили 1961-1962 дар кори тайёр кардани мутахассисони омӯзгорӣ бо таҳсилоти олӣ барои мактабҳои ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб метавонад вазъияти душвор ба амал ояд. Натиҷаи ин метавонад ба ҳолате орад, ки дар муддати тӯлонӣ мактабҳои ноҳияҳои минтақа бо муаллимони баландихтисоси таҳсилоти олидор таъмин нагарданд. Аз рӯи андешаҳои зерин дар шаҳри Кӯлоб нигоҳдошти филиали ҳолоамалкунандаи Институти педагогии Сталинободро мувофиқи мақсад медонем.***

***1. Аз рӯи маълумотҳои омории шуъбаи маорифи гурӯҳи ноҳияҳои Кӯлоб барои ин минтақа аз ихтисосҳои гуногун, аз 2774 муаллим, аз ҷумла аз фанҳои асосии мактабӣ танҳо барои мактабҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ аз физикаву математика 374 нафар, забон ва адабиёти тоҷик 172 нафар, забон ва адабиёти рус 299 нафар муаллим намерасад. Гузашта аз ин, дар ин гурӯҳи ноҳияҳо шумораи муаллимоне, ки аз рӯи тайёрии касбии худ ба фанни таълиммедодагии худ мувофиқ нестанд ва бояд ба мутахассисони таҳсилоти олидор иваз карда шаванд.***

***2. Масалан, ба воситаи филиал ба Институт ҷалб намудани духтарони миллатҳои маҳаллӣ хеле осонтару самараноктар татбиқ шуда метавонад, зеро аксари онҳо имконият надоранд, ки баъди хатми мактаби миёна дар шаҳри Сталинобод, дур аз оилаи худ таҳсил намоянд. Аз ҳисоби донишҷӯёни курси 4-и филиал 14 духтари маҳаллӣ, аз рӯи вазъи оилавӣ ва дигар шароитҳо имкон надоранд дар соли таҳсили нав ба шаҳри Сталинобод ба таҳсил оянд. Агар филиал барҳам дода шавад, онҳо маҷбур мешаванд таҳсилро аз курси охирин тарк намоянд. Чунин ҳолат аллакай солҳои таҳсили 1960-1961 бо сабаби аз Кӯлоб ба Сталинобод гузаронидани қисми асосии донишҷӯён ҷой дошт.***

***3. Дар гурӯҳи ноҳияҳои Кӯлоб 300 нафар донишҷӯи ғоибхон зиндагӣ ва кор мекунанд, ки барои онҳо мувофиқи мақсад ва беҳтар аст, ки сессия, гузаронидани машварат, супоридани санҷишу имтиҳонот ва пешбурди дигар чорабиниҳои зарурӣ дар шаҳри Кӯлоб, дар филиал, чун пештар гузаронида шаванд.***

***4. Базаи таълимӣ-моддӣ, воситаҳои асосӣ ва кадрҳои омӯзгорӣ, ки филиал дорад, пурра имкон медиҳад, ки онро дар оянда нигоҳдошта ва васеъ намоем. Дар он бинои таълимии махсус сохташуда барои 500 ҷой бо лабораторияҳо, инчунин бино барои хобгоҳи дорои 320 ҷой мавҷуд аст. Ғайр аз ин филиал китобхонаи калонро соҳиб аст, ки чи донишҷӯёни шуъбаи рӯзона ва чи шуъбаи ғоибонаро бо адабиёти таълимӣ ва бадеӣ пурра карда метавонад. Дар филиал ҳамчун толори хониш барои 80 ҷойи нишаст, толори варзишии махсус ва бинои нави замонавӣ барои ошхона мавҷуд аст ва ҳайати омӯзгорони филиал бо манзил пурра таъминанд. Нигоҳдошти филиал дар маҷмӯъ бо зиёдшавии маблағи сметашавӣ барои таъмини Институт намеорад.***

***5. Мавҷудияти филиали Институт ва омӯзишгоҳи педагогӣ дар як бино на танҳо ба тамоми корҳои таълимӣ-тарбиявии ин муассисаҳо таъсири манфӣ надорад, балки базаи беҳтар шудани раванди корҳои таълимӣ-тарбиявӣ, бахусус, ду омӯзишгоҳи педагогӣ, ки барои филиал чи аз ҷиҳати базаи таълимию моддӣ ва чи аз ҷиҳати мутахассисон дар ба роҳ мондани корҳои таълимию тарбиявӣ ва методӣ ҳамаҷониба ёрӣ мерасонад.***

***6. Барҳам додани филиал ва аз шаҳри Кӯлоб ба Сталинобод гузаронидани 130 донишҷӯи курси 5, инчунин қабули довталабон дар соли хониши 1961-1962 дар теъдоди 600 нафар контингенти донишҷӯён бо назардошти хатм (435 нафар), 300 нафар зиёд мегардад, ки ин Институти педагогии Сталинободро дар бобати таъмини донишҷӯён бо хобгоҳ, дар ҳолати хеле ногувор мегузорад ва дар ташкили раванди таълим бо сабаби нарасидани синфхонаҳо, кабинетҳо ва лабораторияҳои таълимӣ душвориҳои зиёда ба миён меорад.***

***Бо дарназардошти мавҷудият ва ҳолати базаи таълимию моддӣ, мутахассисони омӯзгории филиал ба талабот ба мутахассисони омӯзгорӣ дар замони ҳозира ва дар 5-10 соли наздик дар сурати ҳалли мусбат ва нигоҳдории филиали Кӯлоб, мо мондани факултетҳои зеринро мувофиқи мақсад медонем:***

***1. Филологӣ (бо ду ихтисос: забон ва адабиёти тоҷик, забон ва адабиёти рус);***

***2. Физика-математика бо ихтисоси математика ва физика. Қабули ҳарсола дар филиал 75-100 нафар, то ки баъди 3-4 сол контингенти муътадил теъдоди 400-500 нафар.***

***Институти педагогии Сталинобод ба номи Т.Г. Шевченко аз Шумо хоҳиш менамояд, ки барои ҳалли масъалаи зикршуда бо пешниҳод ба КМПК Тоҷикистон ва Ҳукумат дароед».***

Ҳамин тариқ, бо хоҳишу дархостҳои пайвастаи устодону омӯзгорон ва меҳнаткашони шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб, дастгирӣ ва саъю талошҳои шахсони алоҳидаи бономуси миллат-собиқ ректори Донишкадаи давлатии педагогии Сталинобод ба номи Т.Г. Шевченко Ҳотам Солеҳбоев, мудири шуъбаи илм ва мактабҳои олии ҷумҳурӣ Рустамбек Юсуфбеков ва директори филиал Ниёз Сафаров нафақат филиали донишкада нигоҳ дошта шуд, балки ба қарори КМ ҲКТ ва Шурои вазирони ҶШС Донишкадаи давлатии педагогии Кӯлоб боз ба донишкадаи соҳибихтиёр ва мустақил табдил ёфт.

Новобаста аз душвориҳои бамиёномада Донишкадаи давлатии педагогии Кӯлоб дар давоми солҳои 1945-1960 фаъолияти худро пайваста идома дод, барои соҳаи маорифи ҷумҳурӣ кадрҳои зарурии педагогиро тайёр намуд. Дастпарвароне, ки дар солҳои вазнини баъдиҷангӣ донишкадаро хатм намуда буданд, на танҳо дар соҳаи маорифу фарҳанги ҷумҳурӣ, инчунин, дар дигар соҳаҳои хоҷагии халқ низ бо масъулияти баланд кору фаъолият намуда, дар пешрафти ҷумҳурӣ нақши босазо гузоштанд.

Донишкадаи дусолаи муаллимии Кӯлоб (ҳоло Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабделлоҳи Рӯдакӣ) аз ҷумлаи аввалин муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакат дар минтақаи Кӯлоб маҳсуб мешавад ва дар омода намудани кадрҳои баландихтисоси хоҷагии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муассире дорад. Дар солҳои 1945-1960-ум вазифаи директор ва баъдтар ректории Донишкадаи давлатии педагогии Кӯлобро шахсони маъруфи зерин ба ухда доштанд: Раҳмон Каримов (аз моҳи августи соли 1945 то моҳи феврали соли 1948), Бозор Шарифзода (аз моҳи феврали соли 1948 то моҳи сентябри соли 1948), Муҳамадалӣ Исматуллоев (аз моҳи сентябри соли 1948 то моҳи ноябри соли 1950), Худойназар Маҳмадназаров (аз моҳи январи соли 1951 то моҳи августи соли 1953), Ашраф Сиддиқов (аз моҳи августи соли 1953 то моҳи декабри соли 1953), Ҳамид Хоҷаев (аз моҳи декабри соли 1953 то моҳи августи соли 1957), Назаршо Латипов ( аз моҳи августи соли 1957 то моҳи августи соли 1960), Ниёз Сафаров (аз моҳи августи соли 1960 то моҳи июли соли 1962). Онҳо дар замони кору фаъолияти худ барои рушду камоли ин боргоҳи илму маърифат ҳиссаи босазое гузоштанд.

Хулоса, нуктаҳои аз фаъолияти устодону дастпарварони Донишкадаи давлатии Кӯлоб, ки дар боло зикрашон рафт, инъикоси пурраи дастовардҳои ин боргоҳи илму маърифат буда наметавонанд. Он маводу масоили аз назари муаллифи ин мақола берун мондаро табиист, ки таҳқиқгарониояндаи таърихи донишгоҳ вобаста ба рушди зинаҳои мактабу маориф пурра хоҳанд кард.



*Абдуллоев Маҳмуд–доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷик*

## Шеъри рӯз



**Файзи Ашур**

## КИТОБ

*Дар замин дилкаштарин накҳат бувад бӯи китоб,*
*Бар димоғам сад гулистон бӯст аз сӯи китоб.*
*Бахти худро нахл агар хонам, нагардад гулбасар*
*Бе вуҷуди сатрҳо, яъне ки бе ҷӯи китоб.*
*Пӯст дорад, мағз дорад, хуб медонам, вале*
*Шираашро мемакад мағзам чу оруи китоб.*
*Ҳарф гандум, сафҳа саҳро, гар бувад эҷод кишт,*
*Чеҳраҳои сурхи нонвоист дар кӯи китоб.*
*Мӯшвор оҳам хӯрад дилро, гаҳе рӯяд, фитад,*
*Пӯпанак дар рӯи нону доғ бар рӯи китоб.*
*Баъдиборонӣ шавад ҳар ҷо ҳавои дил, гаҳе*
*Гард резад силие аз рӯи дилҷӯи китоб.*
*Аз таҳаммул дом созу сайди маънӣ кун, ки зуд*
*Мерамад аз қайди таҳсили ту оҳуи китоб.*
*Дастгоҳе дар кафи дӯзандаи реши дил аст,*
*Риштаҳо дорад зи сад оёт мокуи китоб.*
*Аз ибодатҳои мо мадҳу саноят нест кам,*
*Бо Худо наздик мегардад саногӯи китоб!*

◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇

## ПАНДҲОИ СОҲИБ ТАБАРОВ

*Тарбиятгар худаш бояд тарбиятдида бошад.*

* * * * *

*Оқилояндаи ҷамъият, хизматгори тамоми фозилони олам аст.*

* * * * *

*Он кас хушбахт аст, ки пас аз мурдан нишонае аз худ ба халқ гузорад.*

* * * * *

*Муаллим бедоркунандаи фикри дигарон аст.*

* * * * *

*Истеъдод душмани ашаддии фахру ғурур аст.*

* * * * *

*Умрро бояд ҳамон тавре гузаронид, ки ҳама вақт сӯзию оташ бигирӣ ва дигаронро гарм намоӣ.*

* * * * *

*Инсон бошӣ, касбатро андаке аз худат зиёдтар дӯст дор. Ҳамин касбдӯстдорӣ туро дӯстдори ҳама мегардонад.*

* * * * *

*Таърих сарчашмаи ҳаёт, мубориза ва корномаи инсоният ва ҷамъият аст.*

* * * * *

*Меҳнат на танҳо инсон, балки ҷаҳонбинии ӯро тағйир медиҳад.*

* * * * *

*Бинобар ин, адабиёти бадеиро низ меҳнат ба вуҷуд меорад.*

* * * * *

*Аз халқ, аз омма, аз коргару деҳқон канда шудани роҳбар ба марги ӯ баробар аст ва ин ба давлат ҳам хавфи калон меорад.*

* * * * *

*Дар олам ду муаллими ба ҳам монандро дарёб кардан мумкин нест.*

* * * * *

*Мусиқӣ чун ҳар як навъи санъат муҳаббати инсонро ба зиндагӣ зиёд менамояд.*

* * * * *

*Дар илм ба худсарӣ ва фармонфармоӣ дар ҳеҷ ҳолат роҳ додан мумкин нест.*

* * * * *

*Вазифа, қарзи давлатӣ, иҷрои супоришҳои халқ барои ҳар як корманд бояд дар ҷои аввал бошад.*

* * * * *

*Дониш сарчашмаи хушкнашавандае аст, ки инсоният абадӣ аз он баҳра мебарад.*

* * * * *

*Адои қарзи Ватан аз адои қарзи хешу табор ва ҳар як фард ҳазорҳо маротиба заруртар ва муҳимтар аст.*

**Манбаъ:** *http://khatlon-ruznoma.tj/*

## БА ИСТИҚБОЛИ ҶАШНИ 80-СОЛАГИИ ДОНИШГОҲ

# ИЛМ ПИРӢ НАДОРАД...

*Муаллим-роҳбари авлоди одам,*
*Муаллим пешвои халқи олам.*
*Муаллим ҳодии халқи ҷаҳон аст,*
*Муаллим ворисӣ пайғамбарон аст.*

Дар вокеъ устоди аввалини банда дар ҷодаи илм С.К.Каримов ба шумор меравад, зеро маҳз бо ҳидоят ва роҳнамоии ӯ тавонистам, ки «МАН» шавам. Хеле худро хушбахт меҳисобам, ки риштаи ҳаётамро ба ин марди нексиришту накӯном ва донишманду хайрхоҳ бипайвастам. Баъди хатми Донишкадаи давлатии омӯзгории Кӯлоб (ҳоло Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ) бо роҳхати Вазорати маориф ба кафедраи тарбияи томактабӣ ба кор қабул шудам. Пас аз 3 соли корӣ, аниқтараш соли 1977, бо дастур ва роҳнамоиҳои устод С.К.Каримов ба аспирантураи Институти илмӣ-тадқиқотии тарбияи томактаби Академияи илмҳои педагогии Иттиҳоди Шӯравӣ дар шаҳри Москва дохил шуда, онро соли 1980 бо муваффақият хатм кардам. Ҳамон замон эшон ба ҳайси ноиби ректор оид ба илм фаъолият мекарданд. Моҳи октябри ҳамон сол рисолаи номзадиамро таҳти роҳбарии профессор Маркова Т.А. дар мавзуи «Тарбияи меҳнатии кӯдакони синни калони томактабӣ ва роҳҳои ташаккулёбии он дар оилаҳои деҳоти Тоҷикистон» муваффақона дифоъ намудам.

Ифтихормандам, ки соли 1982 бо эшон оила бунёд намудем ва тули чиҳил сол бо ҳам умр ба сар бурдему панҷ фарзанд ба воя расонидем, ки ҳоло онҳо дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи кишвари маҳбубамон содиқона кор мекунанд.

Бо гузашти солиён бо тавсияи С.К. Каримов ба таҳқиқи рисолаи докторӣ машғул гардидам ва онро соли 2015 дифоъ намудам. Маҳз таваҷҷуҳи ҳамешагӣ ва роҳнамоиҳои пайвастаи онҳо буд, ки дар ин роҳ муваффақ гардидам. Дар он ҳангом ҳар чанд ба устод мегуфтам, ки дар ин синну сол ба ман кори илмӣ кардан чӣ даркор? Вай бо исрор мегуфт, ки «Илм пирӣ надорад, нангу номус бояд дошт!». Агар заррае дар фаъолияти илмиам муваффақ гардида бошам, он маҳз бо шарофати устод бароям муяссар гардидааст.



Дар зиндагӣ то тавонистам тамоми ҳастиямро ба ӯ бахшидам. Вай дар оила инсони бисёр нозпарвару зудранҷ буданд. Аз камтарин беэътиборӣ меранҷиданд, ҳарчанд ранҷиши худро зоҳир наменамуданд, аммо онро аз нигоҳашон пай бурдан душвор набуд. Дар оила асло гапи сахт ё дурушт намегуфтанд, ҳалиму меҳрубон буданд. Вақте ки аз дарвоза медаромаданд, фазои ҳавлӣ яку якбора тағйир меёфт. Салоботу сиёсат доштанд.

Рӯзи аз даст додани ӯ бароям басо душвор ва тахаммулнопазир буд. Зеро нафареро, ки умрам бо ӯ пайванд буд, замони мадид зиндагии якҷоя бо ӯ доштам, такягоҳу муттако, роҳнамову роҳкушо ва азизи дилу муниси ҷонамро аз даст додам. Аз шахси наздик, ҳамдаму ҳамроз, муттакову мубарро абадӣ ҷудо шудам. Хотираҳои басо зиёде дорам аз зиндагии нотакрор ва пурмаънӣ. Тули як соли охир ман дуруст қалам ба даст нагирифтаму сатре ҳам нанавиштаам, чун бо бемории сарвари оила, устоди саргардону бузургвор будам. Чун хома ба даст мегираму болои қоғази сафед сархам мешавам, ҳамон замон пеши чашмонам марди хона падид меояд, хушу ёди маро сӯи дигар мебарад, қаламу қоғаз бесоҳиб мемонад. Ман ба ӯ роз мегӯям, ӯро гӯш мекунам, «чаро рафтӣ, чаро ин қадар зуд рафтӣ?»- мегӯям. Вай табассум мекунад, дасти навозиш ба сарам мебарад: «медонам, азоби танҳоӣ мушкил аст, танҳоӣ мекашӣ, дилтанг мешавӣ, ранҷ мебарӣ. Чӣ илоҷ? Ҳукми тақдир чуну чаро надорад. Худатро эҳтиёт кун. Ту ҳоло ба фарзандон, ба набераҳои дустрӯй, аберахо лозим ҳастӣ!». Ӯ чизе нагуфта, сокиту орому дар дили торики шаб нопадид мешавад. Ва ман мемонам бо дидаҳои намноку қалби реш-реш.

Донишгоҳро бениҳоят дӯст медоштанд. Ӯ шахсе буд, хеле донову ҳушманд ва бароям ҳадяи тақдир. Ӯ беҳтарин ҳамсуҳбат, ҳамдами роз ва василаи рафъи ҳама гуна хастагиҳо буданд. Ӯ шахсе буд, поквиҷдону ростгӯй ва ғайбату дурӯғ ба ӯ бегона буд. Бо ҳалимиву меҳрубонӣ, дар ғаму шодӣ шарик буданд ва машварату маслиҳатҳои муфиди хеш дар кори эҷодӣ таъсири мусбат мегузоштанд. Ӯ дӯстдори зиндагӣ, азизону пайвандон, ҳамеша ҳамрозу ҳамдами одамон ва намунаи беҳтарини фарди дорои хислатҳои ҳамидаву писандидаи инсонӣ буданд. Ёдашон гиромӣ бод.

*Агар садсола гардам ҳам, фаромӯшаш нахоҳам кард,-*
*Ҳамон марди наҷиберо, ки равшан пеши роҳам кард.*



*Иззатова Муҳаббат, д.и.п. профессор, ҳамсараш*

# СИРИШТИ ОДАМИЯТ

Яке аз проблемаҳои ҷиддие, ки дар замони имрӯза мавҷуд аст, ин такмил ва рушди илмҳои табиӣ риёзӣ ва дақиқ ба ҳисоб меравад, ки ҳалли масоили марбут ба он дар меҳвари сиёсати хирадмандонаи Сарвари давлат қарор доранд.

Рушди илмҳои табиӣ, риёзӣ ва дақиқ имрӯз барои кишвари соҳибистиқлоламон дар фазои ҷаҳонишавии илму маориф хеле муҳим ва зарур маҳсуб меёбад. Зеро бунёди ҷомеаи муосир аз мо тарбияи кадрҳои баландихтисоси соҳаи илмҳои табиӣ, риёзӣ ва дақиқ бо донишҳои хуби замонавӣ мусаллаҳро тақозо менамояд.

Олимони донишгоҳ дар таълиму тарбияи ҷавонон, тайёр кардани кадрҳои баландихтисоси илмӣ нақши бориз доранд. Ба ин зумра олимон, арбоби илму техника, доктори илмҳои кимиё, академик Самариддин Каримович Каримов ба ҳисоб меравад.

Каримов С.К. зодаи ноҳияи Балҷувон буда, дар оилаи деҳқони оддӣ ба дунё омадааст. Агар соли 1939-ро нисбат ба замони ҳозира муқоиса кунем, бе муболиға чунин фикр ба сари ҳар як инсони дурандеш меояд "дар кадом шароитҳои он замон, ки саршавии ҷанги бузурги ватанӣ буд, ин мард ба камол расиду ба дараҷаҳои баланд соҳиб гардид? Он ҳам дар оилаи деҳқони оддӣ!".

Баъзан маврид ин фикрҳо маро ба дуриҳо мебараду худ ба худ андеша мекунам, оё чунин омӯзгорони барҷаста, олимони сермаҳсул, тарбиятгарони асили соҳаи физика ва математика ба монанди, Каримов Самариддин, Ғуломов Ислом, Шарифов Ҷумъа, Акбаров Раҳмат ва монанди онҳоро модари тоҷик боз ба дунё оварда, ба воя мерасонида бошад? Дар замоне, ки тамоми шароитҳои олиро барои мо давлату ҳукумат фароҳам овардааст. Бо ҳамин умедҳои нақш ба тарбия насли ҷавони ояндасоз машғул ҳастем. Ин шахсиятҳо миллати тоҷик ва донишгоҳи азизамонро дар ҷаҳон муаррифӣ карда, мактабҳои илмии худро хуб эҳё намудаанд.

Олим, донишманд, омӯзгор ва устоде, ки шогирдони сазоворероо таълиму тарбия намуда, ба миллати худ ҳадя намудааст, чунин инсонҳо дар ҳар гушаю канори мамлакат аҳён-аҳён ба назар мерасанд, ки бо шӯҳрати ҷаҳонии худ маъруфу машҳур гардидаанд ва аз худ осори гаронбаҳое боқӣ мондаанд.

Доктори илмҳои кимиё, арбоби илму техника, профессор, академик, ихтироъкори варзида Каримов Самариддин аз Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ шӯҳратёр шудааст.

***Дар бораи фаъолияти илмӣ, таълимӣ ва тарбиявии ӯ мақолаҳо зиёде ба табъ расидаанд, вале он ҳама тамоми паҳлуи фаъолияти олимро фаро гирифта наметавонанд. Зеро беҳуда нагуфтаанд, агар шахси бузургро тавсиф карданӣ бошӣ корномаи ӯро рӯи авроқи сафед овардан ниҳоят мушкил аст, зеро на ҳамаи хусусиятҳои ӯро таҷассум карда метавонӣ.***

***Банда яке аз шогирдон, ҳамкори устод Каримов С.К. ба ҳисоб меравам. Сабақи аввалине, ки аз устод бахраВар шудам аз фанни физикаи умумӣ ва синфхонае, ки дар он дарс гуфта буд, ҳаргиз аз зеҳнам пок намегардад, зеро дарси амалӣ ва ниҳоят бо як маҳорати баланди касбӣ, сиёсати аҷиб доир гардид. Тамоми мафҳумҳои асосии мавзуъро бо табиат ва мушоҳидаи онро дар амал алоқаманд карда, ба мо пешкаш намуд. Аз ин хотир, устоди зиндаёд дар таълиму тарбияи кадрҳои педагогию илмӣ саҳми бориз доранд.***

Дар байни олимону муҳаққиқони ватанию хориҷӣ нахустин шуда, даст ба тадқиқи пайвастагиҳои нимноқилӣ зад ва бо муваффақиятҳои назаррас ноил гардид.

Нақш ва мақоми академик С.К. Каримов дар тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси илмии соҳаи физика бағоят калон буда, бо мадад ва мусоидати устод донишгоҳ ба муваффақиятҳои калон ноил гардида буд.

Каримов С.К. аз ҷумлаи татбиқгарони сиёсати маорифпарваронаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон буд ва Паёму дастуроти Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, қарору фармонҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистонро сармашқи кори худ карда, баҳри иҷрои онҳо кӯшиш ба харҷ медод. Устод аз самари фаъолияти густурда дар ҷараёни таълим ва тарбия ба як қатор нишондодҳои назаррас ноил гардидааст.

Ӯ муаллифи зиёда аз 495 рисолаҳои илмӣ, китобҳои дарсӣ, барномаҳо, васоиту дастурҳои таълимӣ ва мақолаҳои илмию беш аз даҳ санади татбиқ (акт о внедрение) ва панҷ шаҳодатномаҳои патентӣ мебошад.

Соли 2017 аввалин бор дар донишгоҳ форуми «Ихтироъкорони ҷавон» ташкил ва баргузор шуд, ки шогирдони устод Каримов С.К. дар он ширкат варзида, ҷойҳои якуму дуюм ва ифтихириро соҳиб гардиданд. Ин муваффақиятҳои шогирдон гувоҳӣ он буд, ки Каримов С.К. ҳисси масъулиятшиносӣ нишон дода, бо дили гарму ниятҳои нек фарзандони оқилу доно, ватандӯст ва бонангу бономуси кишвари маҳбубамонро тарбия карда, ба воя расонидааст.

Устод барои меҳнати шоёну пурифтихорааш дар соҳаи таълиму тарбияи ҷавонон, тайёр кардани кадрҳои баландихтисоси илмӣ иштироки фаъолонааш дар ҳаёти ҷамъиятӣ, сиёсӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо чандин ифтихорномаҳо, аз ҷумла, «Ифтихорнома»-и Президиуми Шӯрои Олии Иттиҳоди Шӯравӣ ва бо дипломи Олими сол дар соли 2014 қадрдонӣ шудааст.

Устод ба саломатии худ нигоҳ накарда, доимо дар талоши таълиф ва эҷоди асарҳои муҳиму баландарзиш буд. Самариддин Каримов бо шогирдону ҳамкорон ҳамеша назари нек дошт. Ҳама вақт устод як чизро ба мо шогирдон талқин мекард-ихтироъ аз ҳама гуна кори илмӣ баланд арзёбӣ мегардад ва пайваста дар пайи ихтироотҳои нав ба нав буд.

Мақолаҳои ӯ пайваста бо шогирдонаш дар маҷаллаҳои донишгоҳӣ ва ҷумҳуриявӣ ба табъ мерасид. То дами вопасини ҳаёти худ дар утоқи кориаш ба шогирдону омӯзгорони ҷавон бо чашми хирад маслиҳатҳо ва дастуру тавсияҳо медод.

26-уми апрели соли 2018 дар Форуми ихтироъкорони ҷумҳуриявӣ, ки аз тарафи МД ММПИ гузаронида шуд, Каримов С.С. барои саҳми арзанда дар самти ихтироъкорӣ ба дипломи МД ММПИ ва туҳфаҳои хотиравӣ қадрдонӣ гардида буданд.

Ҳамчунин апрели соли 2019 низ дар озмуни ҷумҳуриявии «Ихтироъкори беҳтарини Тоҷикистон барои солҳои 2017-2018» бахшида ба рӯзи моликияти зеҳнӣ, ки аз тарафи МД ММПИ гузаронида шуд, миёни 60 ихтироъкорони беҳтарини ҷумҳурӣ, ки ба ин озмун даъват гардида буданд, бо Қарори комиссияи озмунӣ академик Каримов С.К. - ба Нишони фахрӣ барои ишғоли ҷои якум ва дипломи дараҷаи 1 МД ММПИ сарфроз гардонида шуд, аммо ин Нишон ва диплом баъд аз марги ӯ ба мо омада расид.

Устод Каримов С.К., ки агар умр ба ӯ вафо мекард 27 декабри соли равон ба синни 85-қадам мениҳод, вале афсус, ки аз чанголи аҷал раҳоӣ наёфт, чи илоҷ корвони умр дар ҳамин синну сол ба поён расид.

Рӯҳи устоди иззатманд шоду манзили охираташ ободд бод.

*Самариддинова Зайнаб- дотсент,*
*декани факултети физика*
*ва математика*

# ХОТИРАИ НЕКИ Ӯ АКНУН БА УМҚИ ДИЛҲО РАФТА...

**(Ёде аз академик Самариддин Каримов)**

Ин нигоштаи банда дар мавлуди 80-солагии академики маҳбуб Самариддин Каримов иншо шуда буд. Чун имрӯз дар зодрӯзи бе соҳибҷашн қарор дорем, бо андӯҳи гарон аз реҳлати олими тавоно, вале бо ифтихору самимият зиндагиномаи пур аз саҳфаҳои рангину мунаққаши рӯзгору фаъолияти илмию омӯзгории шодравон Самариддин Каримовро варақ мезанам, ҳамоно хотираҳои рангину гуворои замони ҳамкориву шогирдии устод пеши назарам падид меоянд.

Агар дар мавлуди 80-солагии устод бо руҳбаландию сурур сухан гуфта будам, дареғо ки имрӯз ҳар як хабари иншои ман ифодагари замони гузашта аст.

Зиндагии як фард ва роҳи тайнамудаи ӯ дар ҷодаи фаъолияташ дар ин ё он соҳа ба монанди як китоби пур аз авроқи панду ҳикмат ва фазилат бардоштанҳост, ки онро бо чашми сар ва аклу заковат мебояд мутолиа кард, дуруст сарфаҳм рафт ва воқеан арзёбӣ намуд.

Бароям мояи хушҳоливу сарфарозист, ки дар боргоҳи илму маонӣ -Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ солҳои тӯлонӣ фаъолият дорам ва саодати ҳамкорӣ бо олимону пажуҳишгарони варзидаи ҷумҳурӣ ва машҳургардида дар ақсои олам насибам шудааст.

Каримов Самариддин Каримович аз зумраи он афроди сарсупурдаи роҳи илм ва яке аз пояҳои устувору побарҷои самти илмҳои табиию риёзӣ буданд, ки умри пурбаракати хешро аз соли 1953 то охири ҳаёт бо илму маърифат ва пажуҳишу ихтироъкорӣ, нафъ расонидан ба мардум ва ҳиссаи арзанда гузоштан дар таълиму тарбия, ба камол расониданӣ шогирдони зиёд ва олимону ҷавононӣ хушсавқ пурмуҳтаво ва рангину қобили пайравӣ сипарӣ намудааст.

Устод Каримов С. дорои мартабаи бузурги илмӣ, ҷойгоҳи воло дар ҷомеа ва дараҷаи камоли инсонӣ ва дар баробари ифтихор бахшидан ба садҳо шогирдону ҳамкорон, худ аз тафохуру ғурур фарсахҳо дур буданду бо шуҳрату маҳбубияту маъруфият (на танҳо дар кишвар, балки берун аз он) амсоли дарахте пурбори илм ва унвону ҷоизаҳояшон инъом ва самари пурхондагиву пуркориву ҷӯёиву навгонӣ овардаашон!

Оре! Маҳз серталабӣ нисбат ба таҳқиқотҳои илмӣ, ҷӯё ва навовар будан дар ҳар коре, ки ба он шуруъ менамуд, Самариддин Каримовро соҳибэҳтиром ва ба мартабаҳои баланд дар соҳаи илму ихтироъкорӣ гардонида буданд.

Бо азму талошҳои пайвастаи академик Самариддин Каримов хеле барвақт ошно гардида будам. Хуб дар хотир дорам, ки ҳар як монографияе, ки устод С. Каримов бо забони русӣ таҳия менамуданд, бо вуҷуди он ки донандаи хуби ин забони муошираи байналмилалӣ буданд, боз ҳам ҳар як нигоштаашонро ба мутахассисони соҳаи забоншиносӣ, бахусус ба шодравон Назримад Қодиров, Турко Дикаев ва дар матбаа ба чандин нафари дигар барои таҳрир месупориданд ва ман ҳамчун як филолог ва муҳлиси кори табъу нашр аз он солҳо бо таълифоти эшон шиносой пайдо намуда будам.

Бо гузашти солҳо, зимни фаъолият дар факултети филологияи рус, аз зинаҳои ассистент то муаллими калон расидан ва ҳамкорӣ бо ВАО, суҳбату вохӯриҳо бо устод, ки аллакай дар вазифаи ректори донишгоҳ фаъолият доштанд, ман, як мутахассиси ҷавонро, бо Самариддини Каримовичи муҳтарам наздик мекарданд. Акнун, бо роҳнамоии журналистони варзида оид ба ихтирооту тадқиқотҳои ин олими шинохта, хабарҳои кӯтоҳ нашр менамудам ва ҳамеша аз ифшо кардани исми хеш аснои ба нашр расонидани мавод дар матбуот худдорӣ мекардам ва аз устони бузурги соҳа-Турко Дикаев, Мисралӣ Сониев, Аслон Исломов (равони ҳар се шод бод!) ва дигарон хоҳиш менамудам, ки хабару мақолаҳоро дар бораи таълифоту ихтирооти он кас бо имзои худашон расонай кунанд, зеро ман хуб медонистам, ки Самариддин Каримов яке аз аввалин хонандагону мутолиагарони матбуоти даврӣ буданд ва ба ҳар як нукта ҳамчун



як коршиноси универсалӣ баҳои воқеӣ дода метавонистанд, аз ин рӯ ҳаросам бесабаб набуд.

Самариддин Каримов роҳбарии донишгоҳро дар як давраи ниҳоят ҳассос ва вазнин ба ӯҳда гирифта буданд. Бар асари ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, дар пайи нофаҳмию ноумедиҳо даҳҳо мутахассисон ва олимони унвону дараҷаи илмидошта донишгоҳро тарк менамуданд. Бӯҳрони иқтисодӣ, иваз шудани асъор, нарасидани маводи озуқаворӣ ва дигар омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ пешорӯи роҳбарияти мамлакат, аз ҷумла муассисаҳои таълимӣ қарор дошт. Дар ҳамин вазъияти мураккабу ногувор академик С. Каримов кормандону омӯзгоронро дилбардорӣ менамуданд, хоса мо мутахассисони ҷавонро рӯҳбаланд месохтанд то аз кор дилсард набошем.

Хуб дар хотир дорам, ки дар он солҳо бо камбуди нарасидани нон, муҳтарам С.Каримов раиси иттифоқи касабаи кормандон, устоди шодравон А.Абдулвоҳидов ва муҳосиб Холиқов А.-ро (раҳматӣ Абдухолиқ Холиқов тағоям буданд ва аз забони онҳо борҳо шунида будам) ба ноҳияи Шӯрообод (айни ҳол ноҳияи Шамсиддин Шоҳин) барои ба омӯзгорон дастрас намудани як миқдор гандум сафарбар намуданд ва бо як мушкилоти зиёд, каме ҳам бошад, омӯзгорону кормандон ба як муддате бо нон таъмин шуданд.

Хушбахтона, бо амалӣ гардидани нияту ормонҳои нек ва созандаву бунёдкоронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сол аз сол пойдевори истиқлолияту ваҳдати сартосарии кишвар мустаҳкам гардид ва дар ин замина вазъи илму маорифи кишвар рӯ ба беҳбудӣ овард. Вале яку якбора бартараф намудани камбудиву норасоиҳо, беҳтар гардонидани сатҳу сифати таълиму тарбия, ҷалби дубораи мутахассисон ба кор саҳл набуд. Дар он замон, пас аз ҳар як аттестасияи Ҳадамоти давлатии назорат дар соҳаи маориф хатари баста шудани донишгоҳ ба миён меомад ва маҳз бо ифтихори доштани як олими пурдону масъулиятшинос чун академик Каримов ин таҳдиду хатарҳо паси сар мегардиданд.

Ин ҳама заҳмату талошҳо, ба ояндаи нек умед бастанҳои устод С. Каримовро дида мо, ҷавонон низ кӯшиш ба харҷ медодем, ки то дар ҳар ҷодае муваффақият ба даст орем. Дар хотир дорам, ки чанд муддат, бо таъсири нерӯҳои мухолиф ва дар зеҳни мардум ҷой додани хурофотпарастӣ, нодуруст фаҳмонидани арконӣ дини мубини ислом, ба факултаи филологияи рус, анқариб касе ҳуҷҷат намесупорид. Ҳамин буд, ки аксари хатмкардагони факултети филологияи рус, ки ҳамзамон омӯзгорони факултет буданд, барои гирифтани маълумоти дуюм ба бахши таъриху филологияи тоҷик ҳуҷҷат супориданд, қисме аз онҳо ба корҳои дигар гузаштанд ва ё ба пойтахти ҷумҳурӣ ба кор рафтанд.

Норасоии кадрӣ рӯз то рӯз мушкилӣ ба бор меовард. Дар кафедраҳои факултаи филологияи рус мутахассисон намерасиданд ва С.Каримов ба мудири шуъбаи кадрҳо дастур доданд, ки бо ман, дар хусуси ба ӯҳда гирифтани роҳбарӣ ба кафедраи Практикуми нутқи шифоҳӣ ва хаттии забони русӣ суҳбат кунанд. Ростӣ, ман аз ин боварии ректори донишгоҳ хеле шод гардидам, вале як каме нобоварӣ ба малакаҳои худ доштам, ки оё лоиқи ин вазифа ҳастам ё не?

Дар пеш аттестатсияи навбатии донишгоҳ буд ва бо кумаки устодони факултет мо ҳуҷҷатгузориро дар кафедра тибқи талаби Низомномаи кафедраи мактаби олӣ ба роҳ мондем ва бо як сарбаландӣ, аз аттестатсия гузаштем. Дар ин раванд, аввалин таъкиде, ки то имрӯз дар гӯшам садо медиҳад, аз ҷониби ректор, академик Каримов ин буд, ки ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқии соҳаи маорифро омӯзед, корро дар доираи талаботи қонун ташкил намоед, он гоҳ шумо ба роҳи дуруст меравед.

Аз ин рӯ, ба ҳар коре, ки ҷиҳати баргузор намудани конфронсу ҳамоишҳои илмӣ, таълифоти монографияву мақолаҳои илмӣ шурӯъ мекардам, ҳатман бо устод Самариддин Каримов машварат менамудам, то кор пухта гардад, зеро "ҷомаи бомаслиҳат кӯтоҳ намеояд"-мегӯянд.

Ҳамчун муовини ректор оид ба илм ва инноватсия борҳо дар озмунҳои ҳамасолаи Муассисаи давлатии Маркази миллии патенту иттилооти Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳамасола дар рӯзи 26 апрел-Рӯзи байналмилалии моликияти зеҳнӣ баргузор мешаванд, дастовардҳои илмию таҳқиқотии устодро муаррифӣ намуда, аз ҳастии чунин гавҳари дурахшони илми кишвар, ки корманди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ буд, ифтихору сарфарозӣ намудаам.

Ҳамин тавр, зина ба зина дар вазифаҳои роҳбарӣ фаъолият намуда, аз дастуру роҳнамоиҳои академики маҳбуб Самариддин Каримов пайваста бархӯрдор мегаштам. Аз ин олими барҷаста ва ҳамсари меҳрубонашон, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Иззатова Муҳаббат Иноятовна бештар китоб хондану мутолиа намудан, ҳақиқатҷӯӣ, фурӯтанию хоксорӣ ва дар роҳи илм пуртоқативу таҳаммулпазирӣ омӯхтаам.

Дар роҳи муваффақияту комёбиҳоям ӯро дар баробари дигар олимони варзида ва нигинҳои дурахшони илму маориф чун устод Ғуломов И.Н., устодони шодравон Қ.Сангов, Акбаров Р.А. роҳбару раҳнамои худ мешуморам.

Имрӯз Самариддин Каримов миёни мо нест, вале роҳи тайнамудаи бошарафона ва таълифоти илмии гаронмояи академики маҳбуб барои наслҳои имрӯзу оянда мероси пурарзиш ва маншаи пайравӣ карданҳост.

Дареғу афсӯс, ки акнун ин ҳама хотираанд ва он меҳру муҳаббат, самимияту роҳнамоиҳои устодонаи академик Каримов С.К. акнун аз дида ба умқи дилҳо маскан гирифтаст.

*Сафҳаи даҳр бувад дафтари умри*
*ҳама халқ,*
*Инчунин гуфт хирадманд, чу*
*андеша гумошт:*
*Хуррам он кас, ки бар ин дафтари*
*пок аз ҳама ҳарф,*
*Рақами хайр кашиду асари хайр*
*гузошт...*

*Руҳу равони устод шоду хонаи охираташон ҷовидонӣ пурнур бод!*

*Худоидодова Шарофат-*
*дотсент, муовини ректор оид*
*ба муносибатҳои байналмилалии*
*Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба*
*номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ*

## ШОНИ МУАЛЛИМ

**Баланд аст аз фалак шони муаллим,**
**Бувад ҷонбахши мо ҷони муаллим.**
**Набошад неъмате дар ҳар ду олам**
**Ҳалол аз пораи нони муаллим.**

**Бидон инро, ки виҷдони ҳама халқ**
**Бувад аз рӯйи виҷдони муаллим.**
**Агар фардои Меҳанро биҷӯйӣ,**
**Биёб аз файзи эҳсони муаллим.**

**Агар армони Меҳанро бихоҳӣ,**
**Бидон аввал ту армони муаллим.**
**Каму беши замонро рост кардан,**
**Тавон танҳо ба мизони муаллим.**

**Куҷоояндаи рӯшан тавон дид,**
**Набошад нури чашмони муаллим.**
**Ягон ҳосил ба хоки мазраи табъ,**
**Магар рӯйида бе дони муаллим?**

**Бидон, парвозгоҳи миллати мо**
**Бувад дар рӯйи дастони муаллим.**

**Камол Насрулло**

# 30-СОЛИ РУШД ДАР

*Бахшида ба 30-солагии рӯзномаи “Анвори дониш”*

**Аз замони шурӯи фаъолият то ба имрӯз аз таърихи таъсиси рӯзнома расо 30 сол сипарӣ мешавад. Дар ин муддат рӯзномаи “Анвори дониш” дилҳои алоқамандонашро бо нури маърифат мунаввар сохта, дар камоли маънавияшон ҳамвора ҳиссагузор ва роҳи алоқамандони илму донишро бо зиёи донишу маърифат равшан сохта, дар марҳилаҳои баъдӣ низ пайи амалӣ намудани мақсаду маромҳои худ бо ёрӣ ва мадади хонандаи гиромӣ**




**барои ба амал баровардани нақшаву ҳадафҳо имкон пайдо хоҳад кард.**

Рӯзномаи “Анвори дониш” ҳамчун нашрияи расмии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ инъикосгари фаъолияту дастовардҳои донишгоҳ, омӯзгорону донишҷӯён ва дар маҷмуъ, дастовардҳои истиқлолу ваҳдати миллии кишвари азизамон буда, дар минтақа хонандаи сершумор дорад.

Нахустшумораи рӯзномаи “Анвори дониш”-и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ 1-уми сентябри соли 1994 нашр мешавад.

Рӯзнома бо ташаббус ва дастгирии ректори ҳамонвақтаи донишгоҳ доктори илмҳои химия, профессор, академики Академияи илмҳои Тоҷикистон Самариддин Каримов таъсис ёфтааст. Он дар Вазорати матбуот ва ахбори Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳоло Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон) таҳти №285, аз 14.03.1994 ба қайд гирифта шуда буд. Азнавбақайдгирии нашрия дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.03.2023 таҳти №364/РЗ-97 ба расмият дароварда шудааст.

Рӯзнома аз рӯи барнома ва вазифаҳои дар Оиннома дарҷгардида фаъолият карда, мақсаду вазифаҳои худро дар тарғибу ташвиқи илму маърифат, инъикоси рӯйдодҳои ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба роҳ мондааст. Доир ба пойдор гардонидани дӯстии ҷавонони миллат, ҳимояи манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, амалӣ гардонидани дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, расонидани фармонҳо ва супоришоти Вазорати маориф ва илм ба ректори донишгоҳ ва ёрии амалӣ дар тарбияи донишҷӯён дар руҳияи ахлоқи ҳамидаи инсонӣ, тарғиби комёбиҳои илмии устодону донишҷӯён ва олимони ватанию хориҷӣ, тақвият бахшидан ба ҳисси ватандӯстии ҷавонон ва парваридани ҳисси ифтихори миллӣ дар замири онҳо мақолаҳои илмӣ-оммавӣ чоп мекунонад.

Дар маркази диққати рӯзнома инъикоси сиёсати хирадмандонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, иҷрои дастуру супоришҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбарони вилояти шаҳр ва роҳу нишондодҳои роҳбарияти донишгоҳ мебошад. Ҳамчунин дар ҳар шумора роҷеъ ба ҷараёни таълим, роҳҳои беҳтар кардани сифати таълим, ҳаёти рӯзмарраи донишгоҳ, набзи ҷамъомаду чорабиниҳои илмӣ-фарҳангӣ, варзиши донишгоҳу ҷумҳурӣ хабару мақолаҳои пурмуҳтаво чоп мегарданд.

Солҳои аввал рӯзномаи «Анвори дониш» дар ҳаҷми 2 саҳифа дар формати А3 ҳафтае як маротиба бо теъдоди 200-300 нусха нашр мегардид. Мазмуну муҳтавои мақолаҳо ва шумораҳои рӯзнома сол ба сол беҳтар ва муаллифону хонандагони он зиёд мегардиданд. Инчунин, саҳифаҳои рӯзнома ба 4 ва теъдоди ба 800 нусха расонида шуд.

Аз соли 2008 то соли 2016 ҳаҷми саҳифаҳои рӯзнома ба 8-12 саҳифа расид ва аз 1-уми сентябри соли 2016 то моҳи марти соли 2022 рӯзнома дар ҳаҷми 16 саҳифа (дар 1 моҳ ду маротиба) теъдоди 6000 аз апрели соли 2022 то ба имрӯз рӯзнома дар ҳаҷми 16 саҳифа (дар 1 моҳ ду маротиба) теъдоди 5000 нусха чоп шуда истодааст, ки дар минтақа аз ҷиҳати саҳифа ва нусха дар ҷойи якум меистад.




Рӯзнома аз соли 2009 то моҳи декабри соли 2016 дар чопхонаи МҲҲХФ «Мушфиқӣ» ва аз 1.01.2017 то ба имрӯз дар чопхонаи ҶДММ «Мега-Принт», воқеъ дар шаҳри Душанбе чоп мешавад.

Дар тамоми давраи фаъолияти нашрия роҳбарияти донишгоҳ ба рӯзнома диққати махсус дода, барои беҳ шудани мазмуну мундариҷаи ҳар шумораи он дастуру маслиҳатҳо дода, ёрию кумаки амалӣ мерасониданд. Хоссатан, академик С.К.Каримов, профессорон М.О.Ибодов, И.Ғуломов, Р.Акбаров, Р.Саидов, дотсентон Х.Аъзамов, Ш.Саидҷаъфаров, Д.Шарифов, Ғ.Мирзоев, Д.Расулов, С.Абдулвоҳидов, М.Набиев, Г.Иброҳимов, С.Ғаффоров, Н.Валиев, А.Алиев, Т.Мустафокулов, Абдулло Ҳабибулло пайваста дар ҷолиби диққат гардонидани рӯзнома таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намудаанд. Ҳамчунин дар марҳилаи нав ректори Донишгоҳ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек ба масъалаи муҳтаво, фарогирии маълумоти ҷолибу хонданбоб ва хушсифату замонавӣ ба нашр расидани рӯзнома, таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, дар ин ҷиҳат пайваста тавсияву маслиҳатҳои муфид ироа менамоянд. Ҳамзамон, дар тамоми давраи нашри рӯзнома ҳайати таҳририяи нашрия барои ҷаззобияту маҳбубияти рӯзнома фаъолияти хубу самарабахш намудаанд.

Рӯзномаи «Анвори дониш» дар баробари фаъолияти хеш инчунин дар тайёр кардани кадрҳои рӯзноманигорӣ низ саҳм гузошта истодааст. Донишҷӯёни шуъбаи рӯзноманигории факултети филологияи тоҷик ва журналистикаи донишгоҳ таҷрибаи истеҳсолӣ ва таълимиро дар идораи рӯзномаи «Анвори дониш» мегузаронанд. Рӯзнома бо нашрияҳои «Ҷумҳурият», «Садои мардум», «Омӯзгор», «Кулябская правда», «Навиди Кӯлоб», Телевизиони Кӯлоб, намояндагии телевизиони Сафина дар шаҳри Кӯлоб ва бо рӯзномаи «Ба қуллаҳои дониш»-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳамкорӣ дорад.

Аз замони таъсис то ба имрӯз 8 нафар устодони донишгоҳ: Аламхон Кӯчаров, доктори илмҳои филология, профессор, узви вобастаи АИ ҶТ (1994-1996); Нуриддини Насимӣ, номзади илмҳои филология (1996-1998); Алиев Аҳмад, номзади илмҳои филология (1998-2002); Исломов Аслон, рӯзноманигор (2002-2006); Худойдодова Шарофат, номзади илмҳои филология, дотсент (2006-2009); Сафаров Бахтиёр, муаллими кафедраи адабиёти тоҷик ва журналистика, узви ИҶТ (2009-2016); Ҷаҳонгир Рустамшо, дотсенти кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забон, узви ИҶТ (2016-2023) ба ҳайси муҳаррир ва сармуҳаррири рӯзнома кору фаъолият намудаанд. Аз 25-уми октябри соли 2023 то ин ҷониб масъулияти сармуҳарририи рӯзномаро Муҳаммадҷони Абдувоҳид-муаллими калони кафедраи умумидонишгоҳии забони тоҷикӣ, узви ИҶТ ба уҳда дорад.

Дар муддати фаъолият рӯзнома бо назардошти фаъолияти муназзаму густурда ба дастоварду муваффақиятҳои назаррас ноил гардида, дар озмуну натиҷагириҳои фаъолияти нашрияҳо ба гирифтани ҷоизаву диплом ва ифтихорномаву сипосномаҳо ноил гардидааст. Аз ҷумла, санаи 4-уми марти соли 2023 дар шаҳри Бохтар ба муносибати Рӯзи матбуоти тоҷик рӯзномаи «Анвори дониш» дар озмуни беҳтарин маводи журналистӣ «Нерӯи сухан» аз рӯи номинатсияи «Беҳтарин маҷалла ва нашрияи соҳавӣ» соҳиби Ҷоизаи Раиси вилояти Хатлон, Дипломи дараҷаи 1 гардидааст.




Ҳамчунин соли 2023 дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон ба ҳангоми таҷлил аз Рӯзи матбуоти тоҷик, рӯзномаи «Анвори дониш» дар ҷумҳурӣ аз рӯйи номинаи «Нашрияи муваффақи маҳаллӣ дар соли 2022» ба Ҷоизаи ба номи Асадулло Саъдуллоев мушарраф гардидааст. Ҳамчунин аҳли эҷоди рӯзномаи “Анвори дониш” соли 2023 барои иштироки фаъолона дар инъикоси муҳимтарин рӯйдодҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии кишвар бахшида ба Рӯзи матбуоти тоҷик бо “Сипоснома”-и Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар шаҳри Кӯлоб сарфароз гардонида шудааст. Дар ин баробар рӯзномаи «Анвори дониш» - нашрияи расмии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ санаи 11 марти соли 2024 дар шаҳри Бохтар дар ҳамоиши идона ба муносибати Рӯзи матбуоти тоҷик дар озмуни беҳтарин маводи журналистӣ «Нерӯи сухан» аз рӯи номинатсияи «Беҳтарин маҷалла ва нашрияи соҳавӣ» соҳиби Ҷоизаи Раиси вилояти Хатлон, Дипломи дараҷаи 2 гардидааст.

Айни ҳол дар ҳайати кормандони рӯзномаи «Анвори дониш» - сармуҳаррир, котиби масъул, ҳуруфчин, саҳифабанд, мутахассиси сомона ва муҳосиб кору фаъолият менамоянд.

Аҳли эҷодии рӯзномаи “Анвори дониш” минбаъд низ бар он мекӯшанд, ки бо дуруст ба роҳ мондани фаъолияти корӣ ҷиҳати мушарраф гардидан ба дастовардҳои наву назаррас дар иҷрои уҳдадориҳои вазифавӣ содиқонаву масъулиятшиносона амал намоянд.

*Нахустофариниши хирадро шинос,*
*Нигаҳбони ҷон асту они сипос. Фирдавсӣ*



# РОҲИ МАЪРИФАТАФЗОЙ

## *Сармуҳаррирони рӯзнома дар солҳои 1994 - 2024*



**КӮЧАРОВ Аламхон** (тав. 04.02.1946, деҳаи Сарчашмаи ноҳияи Шуроободи вилояти Хатлон, аз хонадони зиёӣ) мунаққид, адабиётшиноси тоҷик, доктори илмҳои филология (1997), профессор (2003), узви вобастаи АМИТ (2017), узви ИН Тоҷикистон (1997). Корманди шоистаи Тоҷикистон (2008), Аълочии маорифи Тоҷикистон (1995), барандаи Ҷоизаи адабии ба номи Садриддин Айнӣ (2003). Хатмкардаи факултаи филологияи тоҷики Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин (ҳоло ДМТ, 1969). Таҳсил дар мактаби миёнаи зодгоҳ, донишҷӯ (1964-1969), муаллим, муаллими калон, дотсенти кафедраи адабиёти тоҷики ИДПК (1969-1997), дотсент (1997-2002), профессор (2002-2010), мудири кафедраи назария ва адабиёти навини форсӣ-тоҷикӣ (2002-2010), сарходими Институти тадқиқотӣ-илмӣ дар ДМТ (2011-2016). Аз соли 2016 то ҳол профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикӣ дар ДМТ. Доир ба мавзуи «Масъалаҳои матншиносиии повести «Одина»-и С.Айнӣ (1978, Душанбе) рисолаи номзадӣ ва «Мавқеи нақди матн дар адабиётшиносии тоҷик ва масъалаҳои матншиносии насри Айнӣ» (1997, Душанбе) рисолаи докторӣ дифоъ намудааст. Масъалаҳои матншиносӣ тамоми фаъолияти илмӣ ва таълифоти ӯро фаро гирифтаанд. Аввалин маротиба оид ба матншиносии адабиёти муосири тоҷик тадқиқоти муфассал анҷом дода, монографияи алоҳида ба табъ расонидааст. Бори нахуст нақди матни осори устод Айниро ба таври мукаммал тадқиқ ва фаъолияти муҳарририи ӯро муфассалан баррасӣ намудааст. Муаллифи беш аз 620 таълифот. Зери роҳбарии ӯ 16 нафар рисолаи номзадӣ ва 3 нафар рисолаи докторӣ дифоъ кардаанд. Бо унвони фахрии «Корманди шоистаи Тоҷикистон» (2008, Душанбе), бо ордени «Дӯстии халқҳо» (2001, Душанбе), нишони сарисинагии «Аълочии маорифи Тоҷикистон» (1995, Душанбе) сарфароз гардидааст.



**НАСИМОВ Нуриддин Исоевич** (тав. 09.10.1958, деҳаи Бобосафоли Поёни ноҳияи Фархори вилояти Хатлон, аз хонадони зиёӣ), забоншинос, номзади илмҳои филология (1996), Аълочии маорифи Тоҷикистон (2000). Хатмкардаи факултаи забон ва адабиёти тоҷики Институти давлатии педагогии Кӯлоб (ҳоло ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, 1981). Таҳсил дар мактаби миёнаи зодгоҳ (1966-1976), донишҷӯ (1976-1981), муаллими мактабҳои миёнаи №17 ноҳияи Восеъ (1981-1983), №24 ноҳияи Фархор (1983-1989), муаллим, муаллими калони кафедраи забони тоҷикии ИДПК (1989-1997), сармуҳаррири рӯзномаи «Анвори дониш» (нашрияи донишгоҳ, 1996-1998). Аз соли 1997 то 2020 дар мақомотҳои мухталифи давлатии соҳаи илм ва маорифи ҷумҳурӣ кор кардааст. Аз соли 2020 то ҳол дар ташкилоти ҷамъиятии Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони чаҳон - «Пайванд» фаъолият дорад. Дар мавзуи «Калимасозии феъл дар забони насри Садриддин Айнӣ» (1996. Душанбе) рисолаи номзадӣ дифоъ намудааст. Самти асосӣ дар таҳқиқоти илмии Насимов калимасозии феъл дар забони тоҷикӣ мебошад. Ӯ усули калимасозии лексикию семантикии феълро дар мисоли забони асарҳои насрии Садриддин Айнӣ таҳқиқ кардааст. Насимов мураттиби китоби «Маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон (2002), муаллифи беш аз 50 мақолаи илмӣ, 6 монография ва 4 луғат аст.



**АЛИЕВ Аҳмад Қурбонович** (тав. 20.05.1944, деҳаи Боғгаии ноҳияи Муъминободи вилояти Хатлон, аз хонадони деҳқон, вафот 5.09.2016 дар шаҳри Кӯлоб), забоншинос, номзади илмҳои филология (1997), дотсент (2011), Аълочии маорифи Тоҷикистон (2002), узви ИЖ Тоҷикистон (2008). Иштирокдори нахустин слёти умумииттифоқии барандагони стипендияҳои номӣ дар шаҳри Москва (1968). Хатмкардаи факултаи забон ва адабиёти тоҷики Институти давлатии педагогии Кӯлоб (ҳоло ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, (1970). Таҳсил дар мактабҳои 7-сола ва миёнаи №7 ва №3 ноҳияи Муъминобод (1950-1960), донишҷӯи Омӯзишгоҳи педагогии Кӯлоб (ҳоло Коллеҷи омӯзгории ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, 1960-1962) ва ИДПК (1963-1970), хизмати ҳарбӣ дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Иттиҳоди Шӯравӣ (1963-1966), омӯзгор, муаллими калон, дотсенти кафедраи забони тоҷикии ДДК ба номи А. Рӯдакӣ (1970-2004), мудири кафедраи филологияи Коллеҷи омӯзгории ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (1999-2004), мудири кафедраи забони тоҷикии ДДК ба номи А. Рӯдакӣ (2004-2012), аспиранти Институти забон ва адабиёти АИ ҶТ (1984-1985), сармуҳаррири рӯзномаи «Анвори дониш» (нашрияи донишгоҳ, 1998-2002). Аз соли 2012 то дами марг дотсенти кафедраи забони тоҷикии ДДК ба номи А. Рӯдакӣ. Дар мавзуи «Хел ва воситаҳои алоқаи калимаҳо дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Восифӣ (1997, Душанбе) рисолаи номзадӣ дифоъ кардааст. Ба қалами ӯ таълиф ва таҳрири беш аз 120 асару мақолаи илмӣ тааллуқ дорад. Тадқиқотҳои илмиаш ба таҳлилу тадқиқи анвоъ ва васоити алоқаи калимаву ҷумлаҳо дар забони адабии тоҷикӣ ва насри асри XVI бахшида шудаанд. Бо медали ҷашнии «20 соли Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватании 1941-1945» (1965), Ифтихорномаҳои Комитети Марказии комсомоли умумииттифоқӣ (1968) ва Комитети Марказии комсомоли ҶТ (1967) ва нишони сарисинагии «Аълочии маорифи Тоҷикистон» (2002) сарфароз гардонида шудааст.



**ИСЛОМОВ Аслон** (тав. 21.01.1947, деҳаи Панҷурти ноҳияи Ховалинги вилояти Хатлон, аз хонадони деҳқон-вафот 2013, шаҳри Кӯлоб), журналист, узви ИЖ Тоҷикистон (1979), Аълочии маорифи Тоҷикистон. Хатмкардаи Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин (ҳоло ДМТ, 1975). Таҳсил дар мактаби миёнаи зодгоҳ (1954-1964), донишҷӯи Омӯзишгоҳи педагогии Кӯлоб (1964-1966) ва УДТ (1970-1975). Муҳаррири рӯзномаи «Коммунист»-и ноҳияи Ҷиргатол, мудири шуъбаи рӯзномаи вилоятии «Роҳи ленинӣ», муҳаррири рӯзномаи «Садои коргар» (1975-2002). Аз соли 2002 то соли 2006 муҳаррири рӯзномаи «Анвори дониш» (нашрияи ДДК ба номи А. Рӯдакӣ) буд. Дар саҳифаҳои матбуоти даврӣ мақолаҳои таҳлилию танқидӣ оид ба баъзе урфу одатҳои мардуми диёр ва дигар масъалаҳои мубрами рӯз чоп кардааст.



**ХУДОЙДОДОВА Шарофат Зардовна** (тав. 26.04.1967, шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон, аз хонадони зиёӣ), забоншинос, рӯзноманигор, номзади илмҳои филология (2010), дорандаи медалҳои «Хизмати шоиста» (2015) ва «100-солагии матбуоти тоҷик (2020), «Аълочии маорифи Тоҷикистон (2012), Аълочии матбуоти ҶТ (2014), Аълочии телевизион ва радиои Тоҷикистон (2013), Аълочии фарҳанги Тоҷикиситон (2014), узви ИЖ Тоҷикистон (2007). Хатмкардаи факултаҳои забон ва адабиёти рус, забон ва адабиёти тоҷики Институти давлатии педагогии Кӯлоб (ҳоло ДДК ба номи А. Рӯдакӣ, 1989, 1995). Таҳсил дар мактаби миёнаи №9 шаҳри Кӯлоб (1974-1984), донишҷӯ (1984-1989), омӯзгор, муаллими калони кафедраи забони русии факултаи омӯзгорӣ (1989-1994), мудири кафедраи МТЗАР -и факултаи филологияи рус (2004-2008), муҳаррири рӯзномаи «Анвори дониш», котиби Шурои олимон (2006-2009), декани факултаи филологияи хориҷӣ (2008-2009), мудири кафедраи умумидонишгоҳии забони русӣ (2010-2013), котиби матбуотӣ (2010-2019), мудири кафедраи журналистикаи ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (2013-2014), муовини ректори ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ оид ба корҳои тарбиявӣ (2014-2015), муовини ректор оид ба илм ва инноватсия (2015-2018). Аз моҳи феврали соли 2018 муовини ректор оид ба равобити байналмилалӣ мебошад. Дар мавзуи «Таҳлили таркибӣ-маъноии забон ва услуби матнҳои рекламавӣ (дар забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ)» (2010, Душанбе) рисолаи номзадӣ дифоъ кардааст. Тадқиқотҳои ӯ дар самти пажӯҳиши реклама дар Тоҷикистон аввалин кори илмӣ буда, дар пасманзари татбиқи он паҳлуҳои мухталифи истифодаи реклама ҳамчун жанри муосири журналистикаи тоҷик арзёбӣ гардидааст, муҳаррири феълии намояндагии муассисаи давлатии «Телевизиони Сафина» дар шаҳри Кӯлоб ва омӯзгори фанҳои «Асосҳои реклама ва паблик», «Назарияи тарҷума» ва «Тарҷумаи матни публицистӣ»-и кафедраи журналистика буда, бевосита дар таҳия ва пахши рекламаҳо ба забонҳои русӣ, тоҷикӣ, нигориши мақолаву очеркҳо дар матбуоти даврӣ ва роҳбарии корҳои илмӣ-тадқиқотии муҳаққиқони ҷавон ширкат меварзад. Муаллифи 5 дастури методӣ ва беш аз 25 мақолаи илмӣ. Бо нишонҳои сарисинагии «Аълочии маорифи Тоҷикистон» (2012), «Аълочии телевизион ва радиои Тоҷикистон» (2013), Аълочии фарҳанги Тоҷикистон (2013), «Аълочии матбуоти Тоҷикистон (2014) ва Ифтихорномаи раиси вилояти Хатлон, соли 2015 бо медали «Хизмати шоиста» сарфароз гардидааст.



**САФАРОВ Бахтиёр Қурбонович** (тав.12.08.1971, деҳаи Лағмони ноҳияи Кӯлоби вилояти Хатлон, аз хонадони коргар), омӯзгор, журналист, узви ИЖ Тоҷикистон (2011). Хатмкардаи факултаи журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (1998). Таҳсил дар мактаби №10 ноҳияи Кӯлоб (1978-1988), хизмати ҳарбӣ дар сафи Қувваҳои мусаллаҳи Иттиҳоди Шӯравӣ (1989-1991), донишҷӯ (1993-1998), хабарнигори рӯзномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» (1998-1999), муаллими мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №24 ноҳияи Кӯлоб (1999-2003), омӯзгори кафедраи забони тоҷикӣ (2003-2012), мудири кафедра (2012-2013), муаллими калони кафедраи журналистикаи ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, муҳаррири рӯзномаи «Анвори дониш» (2009-2016) ва масъули чопи маҷаллаи илмии Паёми ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (2009-2012). Дар мавзуи «Ташаккул ва таҳаввули ВАО-и минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон (дар солҳои 1930-2012)» таҳти роҳбарии доктори илмҳои филология, профессор Солеҳов Н.Н. ба кори таҳқиқу пажуҳиш машғул аст.



**РУСТАМШО Ҷаҳонгир Рустамшо** санаи 18.05.1988 дар деҳаи Чойлобкамари ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, дар хонадони зиёӣ таваллуд шудааст. Забоншинос, номзади илмҳои филологӣ, дотсент. Хатмкардаи шуъбаи забон ва адабиёти тоҷики факултаи филологияи тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (2011) мебошад. Таҳсил дар МТМУ №49 ва № 5-и ноҳия (1995-2006), донишҷӯ (2006-2011), ассистенти кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик (2011-2014), мутахассиси шуъбаи илм ва инноватсияи ДДК ба номи А. Рӯдакӣ (2014-2015), мудири кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик (2015-2016), сармуҳаррири нашрияи рӯзномаи “Анвори дониш” (2016-2023). Аз октябри соли 2023 сардори шуъбаи таҳлилӣ-иттилоотии Дастгоҳи раиси вилояти Хатлон. Дар мавзуи «Антропонимҳои «Ҳазору як шаб» (ҷанбаи забоншиносӣ) 22.05.2018 рисолаи номзадиашро ҳимоя намудааст. Муаллифи як дастури таълимӣ, 1 монография, 18 мақолаи илмӣ ва зиёда аз 200 мақолаи публитлистӣ мебошад.



**МУҲАММАДҶОНИ Абдувоҳид** (тав. 27.03.1992, деҳаи Сурхдараи ноҳияи Восеи вил. Хатлон, аз хонадони деҳқон). Хатмкардаи факултаи филологияи тоҷик ва журналистикаи ДДК ба номи А. Рӯдакӣ, 2015). Таҳсил дар мактаби 4-солаи №49 ноҳ.Восеъ (1999-2003) ва мактаби миёнаи умумии №3 ноҳ.Восеъ (2003-2010), донишҷӯ (2010-2015), сардори Шуъбаи кор бо ҷавонони ДДК ба номи А. Рӯдакӣ (2014-2015), ассистент, муаллими калони кафедраи умумидонишгоҳии забони тоҷикӣ (2015-2024), магистранти ихтисоси забон ва адабиёти тоҷики ДДК ба номи А.Рӯдакӣ (2015-2017), докторанти PhD аз рӯи ихтисоси забон ва адабиёти тоҷики ДДК ба номи А.Рӯдакӣ (2017-2021), ёвари ректори ДДК ба номи А. Рӯдакӣ (2016-2020), котиби Шурои олимон ва ректорати ДДК ба номи А. Рӯдакӣ (2020), сармутахассиси бахши таҷрибаомӯзӣ ва кор бо мутахассисони ҷавони ДДК ба номи А. Рӯдакӣ (2021-2023), сардори маркази рушди касбият ва инноватсияи ДДК ба номи А. Рӯдакӣ (2023). Аз моҳи октябри соли 2023 сармуҳаррири рӯзномаи “Анвори дониш”. Вакили Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Кӯлоб даъвати шашум (2020-2025). Узви ИЖТ (2024). Бо роҳбарии д.и.ф, профессор Саидҷаъфаров Озод дар мавзуи «Хусусиятҳои бадеӣ, поэтикӣ ва сабкии ғазалиёти Урфии Шерозӣ» ҷиҳати дарёфти дараҷи илмии доктори фалсафа PhD аз рӯи ихтисоси филология корҳои илмӣ таҳқиқотӣ бурда истодааст. Муаллифи беш аз 20 мақолаи илмӣ ва илмӣ-оммавӣ.

***Ҳайати эҷодии рӯзномаи «Анвори дониш»***

*Хирад гар сухан баргузинад ҳаме,*
*Ҳамонро гузинад, ки бинад ҳаме. Фирдавсӣ*



# НЕРӮИ БАХТОВАР ВА НИҲОДИ СОЗАНДА

## (Бахшида ба 30-солагии таъсисёбии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон)

Мусаллам аст, ки дар ҳар давру замон башарият дар ҷодаи давлатдориву давлатсозӣ ба маҷмӯи андешаҳои созандаву бунёдкор ва таҳрикдиҳанда ба суйи пешрафт ва фардои дурахшон зарурат дорад. Маҷмӯи андешаҳои бунёдиву нусратбахш аз тафаккури солим, ниҳоди муътамад, неруи ҳастибахш, дар заминаи андешаҳои фаромиллӣ бо дарбаргирии аносири фарҳангӣ шакл мегирад. Хурсандибахш аст, ки мардуми мо чунин андешаҳои созандаро дар Барномаи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон зери шиори «Барои пешрафт ва зиндагии шоистаи мардум!» ва азму талошҳои пайгиронаи Раиси муаззами ҳизб, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дарёфтаанд, ки роҳи моро ба сӯйи ояндаи дурахшон, зиндагии шоиста, давлати милливу ваҳдати пойдор, ҳамдигарфаҳмиву ҳамбастагӣ пайваста равшан мегардонад.

Шараф ва иқболи бузург аст, ки мардуми саодатманду сарбаланд ва созандаву бунёдкори Тоҷикистони соҳибистиқлол имрӯз дар фазои комили амну осоиш ва пешрафту шукуфоӣ таҳти роҳбарии хирадмандонаву нусратбахши Президенти маҳбуби кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷашни фархундаи 30-юмин солгарди таъсисёбии “омили бақои бахту иқбол ва зимомии давлатдории тоҷикон, неруи созанда, қувваи пешбаранда ва такягоҳи боэътимоду муттакои ҳамешагии мардум-Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон»-ро бо шукргузорию ифтихор аз дастовардҳои беназири даврони истиқлол таҷлил намуда, зери ливои сулҳу ваҳдат ва ҳамдилию ҳамраъйии сартосарӣ ҷиҳати расидан ба аҳдофи бузурги миллатсозиву давлатдорӣ қадамҳои устувор гузошта истодаанд.

Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ҳамчун неруи бузурги сиёсии созанда, бунёдкор ва пешбарандаи ҷомеа дар тули 30 соли фаъолияти худ бахри рушди давлат, мустаҳкамнамоии пояҳои сиёсии он, пешрафти ҷомеа ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардум воқеан ҳам иқдомоти шойгон ва корҳои бузургу шоистаи таҳсину офаринро анҷом додааст. Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ба сифати дастоварди бузурги сиёсии даврони соҳибистиқлолӣ ҷиҳати таҳкими давлатдории навин ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсону шаҳрванд ба фазилатҳои баланди сиёсӣ, сифатҳои наҷиби ахлоқӣ ва маърифати пурсамари маънавии аъзояш такя намуда, кӯшишу ғайрат ба донишу идроки онҳоро барои Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон тахти сарварии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сӯйи эъмори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона дилпурона пеш меравад ва дар ҷодаи бунёдкориву созандагӣ ба дастовардҳои бемислу монанд ноил мегардад. Ҳамин аст, ки аз самари фаъолияти густурда ва меҳандӯстонаи роҳбарияти олӣ ва ҳизбиён сулҳу суботи сартосарӣ, сарҷамъиву ҳамгарфаҳмӣ дар ҷомеа рӯз ба рӯз густариш ёфта, мардум то рафт ба зиндагии саодатмандонаву компонии бемисл шарафёб гардида истодаанд.

Талошҳои пайгирона ва иқдомоти оқилонаву хештаншиносонаи мардум дар робита ба амалӣ намудану пиёдагардонии Нақшаву Барномаҳои бузурги созандагиву бунёдгаронаи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон шаҳодат аз он аст, ки ин ҳизб, ҳизби созанда, бунёдкор, раиятпарвар ва дар умум ҳизби мардумист. Ин ҷиҳат низ дар нукоти пурҳикмату мондагори Раиси муаззами ҳизб, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ишора шуда, таъкид менамоянд, ки “Ҳизби мо табиатан халқӣ ва демократӣ мебошад ва он маҳсули тафаккури эҷодии халқи фарҳангофар ва созандаи мост. Мо пойбанди ҳеҷ як идеологияи бегона набудем ва нестем. Мо худ идеологияи ин ҳизбро ба вуҷуд овардем. Ба хотири мардуми азияткашидаамон ин ҳизбро таъсис додем”. Дар воқеъ таваҷҷуҳи пайвастаи Сарвари хирадрою маърифатпарвари кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати эъмори давлати миллӣ ва мустаҳкамнамоии пояҳои давлатдорӣ дар роҳи ҳалли на танҳо масоилу мушкилоти имрӯзаи давлат даст ба кор аст, балки бар асоси ғояҳои сулҳҷӯию ваҳдатгароӣ, худшиносиву ватандӯстӣ, эҳёи хотираи таърихӣ, муаррифии шоистаи арзишҳои миллӣ, пешбарии ташаббусҳои ҷаҳонӣ мактаби беназиру пурганҷи сиёсии хешро дар номи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон бунёд намудааст, ки ҳамчун неруи бахтовар ва ниҳоди созанда мудом дар хизмати мардум пайи тадбир ва иқдомоти шоиста аст.

Асосҳои назариявӣ ва идеологии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон аз рисолати адолатпарварию инсондӯстӣ, худогоҳию худшиносӣ, неккириштию поктинатӣ, садоқатмандию ватандӯстӣ ва созандагию бунёдкории Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сарчашма гирифта, бозгӯйи хиради азалӣ, шоистагиҳои сарварӣ, фазилатҳои фарзонагии ин фарзанди ҷонфидову дардошнои миллат аст, ки ҳамвора дар роҳи таҳким бахшидани рукнҳои беназири фаъолият ва ҳадафҳои барномавӣ чун мактаби сиёсӣ, дастоварди шойгони сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи Истиқлолияти давлатӣ ҳамчун ниҳоди неруманд “Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон” ном гирифта, маҳбуби ҳамагон шуд.

Пайравию бахрабардорӣ аз ҳамин мактаби сиёсии Пешвои миллат, ки зербинои онро илму маърифат, равшангароиву маорифпарварӣ, ташаккули ҳисси баланди ватандӯстиву соҳибдавлатии ҷавонон, муқаддас донистани арзишҳои милливу соҳибистиқлолӣ ташкил додааст, бешак, дар шароити муосири сиёсӣ ва геополитикии минтақа ва ҷаҳон кафолати таъмини пойдории давлатдории навини мост.

Ҳамин аст, ки Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ин роҳ маҳз барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар партави сиёсати хирадбунёду маърифатпарвари Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷомеаи шаҳрвандии Тоҷикистони соҳибистиқлолро ба омӯхтани таърихи гузаштагони худ, ки яке аз омилҳои муҳим ва муфид дар тарбияи ватандӯстӣ ва рӯҳияи хештаншиносию худогоҳии миллӣ ба камол расонидани идомадиҳандагони иқдомоти шоиста ва соҳибони ин мулки куҳанбунёд-ҷавонон мебошад, тавассути баргузор намудани озмунҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ, аз қабили “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст”, “Тоҷикистон-Ватани азизи ман”, “Тоҷикон” оинаи таърихи миллат”, “Илм фурӯғи маърифат”, “Маснавихонӣ”, “Шоҳномахонӣ” ва даҳҳо тадбирҳои муҳим ҷалб намуда, дар ниҳоди фарзандони худ аз хурдсолӣ парвариш намудани ҳисси ватандӯстӣ бо роҳи таълими афкори ватанпарваронаи бузургон ва ҳифозати таърихӣ дар таҳкими заминаҳои андешаи миллӣ ва ҳисси худшиносии миллии ҷомеа саҳми муносиб мегузорад.

Афзудани ин нукта ба маврид аст, ки дар сӣ соли фаъолияти шарафмандона ба мардум Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон бо сиёсати фаромиллии худ исбот карда тавонист, ки созандаи ояндаи босаодати давлати тоҷикон, пушту паноҳ ва амалигардонандаи ормонҳои ҳазорсолаи тоҷикон аст. Дар роҳи иҷрои ин рисолат татбиқи ҳадафҳои барномавиро тавассути таҳия ва амалӣ намудани консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои гуногуни давлатӣ ва нақшаҳои соҳавӣ ба роҳ монда, рушди устувори кишварро таъмин намуда, тамоми заминаҳои воқеиро барои пешрафт ва зиндагии шоистаи мардум муҳайё месозад. Бо ин мақсад дар тамоми марҳилаи фаъолияти самтҳои сиёсати иқтисодӣ, маориф ва илм, шуғл, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, фарҳанг, маънавиёт ва иттилоот, ҷавонон, занон ва варзиш, масъалаҳои сиёсӣ, волоияти қонун, амният, мудофиа ва такмили қонунгузорӣ ва сиёсати хориҷӣ ҷавҳари амали онро ташкил дода, ҳамчун муайянкунандаи сиёсати давлат, кишварро ба рисолати пешгирифта - рушди устувори иқтисодӣ ва зиндагии шоистаи мардум расонида истодааст. Яъне Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон кулли бахшҳои ҳаёти ҷомеаро фаро гирифта, ҷиҳати расидан ба ҳадафи олӣ - зиндагии шоистаи мардум ва пешрафти Тоҷикистон саъю талош дорад.

Воқеан ҳам, мардуми шарафманди Тоҷикистон бешак дарёфтаанд, ки бо ҷонибдорӣ аз Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ва сиёсати пешгирифтаи Пешвои миллат ояндаи худ ва фарзандоншонро ба дастони эътимодбахш супурда, аз хурд то бузурги кишвар Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистонро маҳбуби қалбҳои худ медонанд. Ин садоқат ва маҳбубиятро ҳар лаҳза, дар мисоли “аз ҷониби ҷомеаи шаҳрвандии кишвар тифли навзодро ҳамчун рамзи садоқату боварӣ ба Пешвои миллат “Эмомалӣ” ном мондан, тифлакон акси Ӯро рӯи оинаи нилгун дида, бо муҳаббат “бобоҷон” гуфтан, мардони солманд ва таҷрибаи рӯзгордида ҳангоми сафарҳо ба истиқболашон баромада, барояшон самимона “дуои нек” намудан, ба ҳангоми сафарҳои корӣ Пешвои миллат дурдасттарин гӯшаи диёр қабл аз омаданашон гулистону мардумаш хушҳол гардидан, насли ятим бо ифтихор падарашон хондан” ва амсоли ин мушоҳида менамоем. Ӯ барои ҳар фарди ватандӯсту хештаншинос намунаи беҳтарини ҷавонмардӣ ва инсони комил аст. Ӯ аз ҳар каси дигар дида бештар дар фикри имрӯзу фардои дурахшони миллат асту барои ҳаёти шоистаи мардум пайи тадбир.

Аз он чи дар ин матлаб гуфта шуд, ба чунин натиҷа расидан мумкин аст, ки муҳимтарин омилҳои мусоидаткунанда барои таъмини сулҳу субот ва амнияту оромӣ дар кишвар ва ба таври итминонбахш ба сӯйи ояндаи дурахшону ҷомеаи боз ҳам пешрафта қадам гузоштани Тоҷикистони азиз, хусусиятҳои шахсиятӣ ва мактаби сиёсии Пешвои миллат-Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон мебошад.

Аз шарафи омилҳои мазкур мардуми кишвари мо дар симои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон на танҳо роҳбари сиёсӣ, балки хирадманди асил, донишманди варзида, абармарди дунёи сиёсат, фарҳангдӯсту адабпарвар ва роҳнамову дастгири худро пайдо намудаву ҳидоятҳои Ӯро ҳамчун кутбнамои роҳи зиндагӣ дарёфтаанд ва худро мухлису пайрави содиқи Сарвари хирадрою инсонпарвар ва меҳанпарасту фидокор медонанд.

Шоёни зикру шоистаи ифтихор аст, ки марҳилаи сипаригардидаи давлатдории муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон исботкунандаи он аст, ки Ӯ Пешвои мардумии халқи Тоҷикистон ва бунёдгузори давлати навини тоҷикон, фарзонафарзандест, ки аз миёни мардум бархоставу андешае ба ҷуз ободиву хуррамии Тоҷикистон, ҳадафе ҷуз сарфарозии тоҷикон, вазифае ҷуз хизмат ба давлату мардуми худ надорад.

Ҳамин аст, ки халқи Тоҷикистон дар атрофи сиёсати Ӯ муттаҳид гардида, бо бархурдорӣ аз пайванди ногусастании хеш бо Пешвои худ дар роҳи шукӯҳманду ифтихорафзои созандагию офарандагӣ бо умеди ояндаи босаодати кишвари обод қадамҳои устуворе қотеона мезананд.

Бо камоли мамнунияту ифтихор ва муҳаббату садоқати фарзандӣ 30-юмин солгарди таъсисёбии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистонро ба кулли ҳамсафон, алалхусус ба раиси муаззами ҳизб, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва ҳизбиёни гиромӣ шодбош мегӯям!

*Муҳаммадҷони Абдувоҳид - «Анвори дониш»*

# ҲУНАР БЕҲТАР АЗ ДУРРУ ГАВҲАР

Аз таълифоти мутафаккирон, бузургону хирадмандон ва адибони забардасти олам маълум мегардад, ки меҳнат ва касбу ҳунар сарчашмаи боигариҳои моддию маънавӣ ва воситаи асосии ҳаёти хушу хуррамона ба ҳисоб рафта, инсониятро мебояд бо дили гарм ва қалби пурмеҳр ба он муносибат намояд. Ҳар як намуди меҳнат, хосатан, ҳунармандӣ, агар аз ҷиҳати мақсад дуруст ва мувофиқ ба шавқу рағбат ва сидқан дӯст доштани он тарҳрезию корбандӣ гардад, бешубҳа, он боис ба обрӯю эътибор ва зиндагии серу пури ҳунарманд мегардад.

Халқи тоҷик аз азал ба ҳунармандӣ машғул буда, маданияти баланд ва таърихи қадима дорад. Хирадмандон ҳама ҷо ва дар ҳама ҳолат ситоиши касбу ҳунар карданд ва онро беҳтарин ганҷи инсон, муҷиби зафармандиву сарфарозиҳои ӯ донистаанд. Дар хазинаи илму фарҳанги мардуми тоҷик чунин панду андарзҳо: Ҳунар аз кони зар беҳ; Аз зари падар ҳунар беҳ; Ҳунар чу мушк бувад, мушк кай ниҳон гардад; Ҳунарманд ба умре сурхрӯю сарбаланд аст ва монанд ба онҳо то имрӯз маҳфуз аст, ки ҳар як фардро ба омӯхтани касбу ҳунар ва пешае роҳнамуд сохта, ба меҳнати ҳалол ва рӯзгори хуше, ки тавассути ранҷу заҳмати зиёд ба кас муяссар мегардад, ҳидоят менамояд.

Халқи тоҷик ҳанӯз аз дуриҳои дур ва тадриҷан ба гузашти асрҳо тавассути ҷидду ҷаҳд ва қобилияту истеъдоди азалӣ аз бисёр касбу ҳунарҳо (кулолгарӣ, шишасозӣ, оҳангарӣ, заргарӣ, зардӯзӣ кафшдӯзӣ, хаттотӣ, бинокорӣ, сабадбофӣ, намадрезӣ, собунпазӣ, гулдӯзӣ, дӯзандагӣ, дегрезӣ, қоғазбарорӣ, дуредгарӣ, наққошӣ, рассомӣ, гулобкашӣ, хаймадӯзӣ ва амсол ба инҳо воқиф буданд ва имрӯзҳо ин шуғлу касбҳоро ворисони онҳо идомадеҳи ҳунарҳои волояшон давом дода истодаанд ва, албатта, тибқи таҳлил, тарҳрезию коркарди нав ва тавассути техника ва технологияи навини даврони муосир.

Бо мурури замон ин намуди ҳунарҳо тадриҷан то ба замони мо омада расиданд. Тоҷикон дар баробари дигар халқияту миллатҳо чун аз ҳаёти обшинагӣ ҷудо шуданд, тадриҷан ба касбу коре ва ё шуғле варзиданд, то рӯзгори худ ва оилаашонро пеш баранд. Аз ин лиҳоз, рӯ ба меҳнат кардану ҳунаре омӯхтан овардаанд. Ҳанӯз дар асрҳои III-II пеш аз милод дар Осиёи Миёна оҳангарон, заргарон, мисгарон, кулолгарон, чармгарон, хаймадӯзон, шонатарошон, бофандаҳо, сабадбофон, сангтарошон, заршуён, ошпазҳо, қассобон, майфурӯшон ва монанди онҳо буданд.

Ҳунар дар ягон давру замон қадру қимати худро гум намекунад. Агар ба таърихи омода кардани матоъ тавассути меҳнати дастӣ назар андозем, маълум мегардад, ки



инсон аз рӯзҳои аввали аз ҳаёти ваҳшигӣ ҷудо гардидан либосҳои одитарини аз пӯсти ҳайвонот тайёр намудаашонро мепӯшиданд. Ҳайвонотро шикор намуда, аз пӯсти онҳо либос медӯхтанд. Бо мурури замон инсон аз растаниҳои гуногун (пахта, абрешим, зағирпоя) матоъро ба вуҷуд овард.

Олами касбу ҳунарҳои мардумӣ дунёи беохиру паҳноварро мемонанд. Дар он ҳаёти хуррам асту обрӯ ва шуҳрати бепоён. Каси боақлу ҳуш ва тарбиядидавуояндабин дар зиндагии хеш касбу ҳунар ва ё пешаеро сидқан дӯст медораду дар оянда онро аз худ намуда, содиқона ва софдилона меҳнат менамояд, дар байни мардум ва, умуман, дар ҷомеа сазовори обрӯи баланд мегардад. Вазъи кунунии ҷаҳони муосири тағйирёбанда ва пур аз зиддиятҳои сиёсию иҷтимоӣ ҳар як шаҳрванд, хосатан, наврасону ҷавононро водор месозад, ки дар баробари андӯхтани илму ҳунар бояд ҳушёрии сиёсиро аз даст надиҳанд ва кӯшиш бар он намоянд, ки масъулиятшинос, ватандӯсту ватанпарвар ва худшиносу худогоҳ ба воя расанд.

Ҳунар ва ҳунармандию ҳунаромӯзӣ ҳанӯз аз давраҳои хеле дури гузашта диққати донишмандону мутафаккирон, хосатан, аҳли илму адаб ва шеъру шоириро ба худ ҷалб намуда буд. Ин буд, ки бузургони гузаштаамон марбут ба масъалаи мазкур панду андарз ва ақидаҳои ҷолибу манфиатнокро барои ҳамзамонон ва, махсусан, баҳри насли наврасу ҷавонон ва, умуман, аҳли инсоният арзонӣ доштанд. Ҳунар ва ҳунармандӣ, аз як тараф, боиси рӯзгузаронӣ ва зиндагии осоиштаи оилавии ҳунарманд мусоидат намояд, аз тарафи дигар, аз маҳсули дасти ӯ аҳли башар истифода намуда, камбудии рӯзгорашро таъмин ва сатҳи зиндагиашро аз ҳар ҷиҳат қаноатбахш мегардонад. Маҳсули дасти ҳар як ҳунарманд боис мегардад ба пешравӣ ва рушду тараққии ҷомеа, зеро ҷомеаро бе ҳунару ҳунарманд тасаввур кардан номумкин аст. Маҳз ҳунармандон дар баробари дигар қишрҳои ҷомеа барои рушду нумуи он ҳиссаи худро мегузоранд ва тавассути рассомию кулолгарӣ, бофандигию дӯзандагӣ, заргарию косибӣ ва амсоли инҳо шуҳрати ватану миллати худро ба ҷаҳониён муаррифӣ карда метавонанд. Умуман, масъалаи омӯхтану касб кардани ҳунару ҳунармандӣ аз як тараф яке аз роҳҳои ба меҳнати ҳалолу манфиатбахш раҳнамун сохтани насли наврасу ҷавонон бошад ва шуҳрат ёфтану зиндагии хушу хуррами онҳо боис гардад, аз тарафи дигар, баҳри ба воя расидани ҷойгузини сазовори наслҳои калонсоли ватани маҳбубамон гардида, дар ҷомеаи ҷаҳони кунунӣ Тоҷикистони соҳибистиқлоламон тавассути касбу ҳунарҳои мардумӣ ба ҷаҳониён муаррифӣ карда мешавад.

Ҳунар дар ҳама давру замон ҳамқадами ҳунарманд буд. Ҳунари волои ҳунарманд на танҳо обрӯ, балки шуҳрати миллату сарзамини ӯро ба дуриҳои дур бурда, кишварашро ба ҷаҳониён муаррифӣ мекунад ва тавассути ҳунару истеъдоди ӯ хориҷ будагон марбут ба миллату ватани ҳунарманд тасаввуроти ҷадид пайдо мекунанд. Шоири достонсарои нотакрори тоҷик Абулқосим Фирдавсӣ чунин фармуда буд:

***Ҳунар беҳтар аз гавҳари номдор,***
***Ҳунармандро гавҳар ояд ба кор.***
***Туро бо ҳунар гавҳар асту хирад,***
***Равонад ҳаме аз ту ромиш барад.***

Ҷаҳонгарди донишманд Саъдии Шерозӣ ҳунарро ба чашмаи зоянда ва давлати поянда ташбеҳ дода, мегӯяд, ки ҳунарманд гар аз давлат дур монад, боке нест, зеро ҳунари вай давлати ӯст, ҳар ҷо ва дар ҳар вазъияте бошад, тавассути ҳунари волояш қадр мебинад, дигарон иззаташро ба ҷо меоранд ва байни мардум соҳибэҳтиром аст. Бад-ин маънӣ овардааст: Ҳунар чашмаи зоянда аст ва давлати поянда ва агар ҳунарманд аз давлат биафтад, ғам набошад, ки ҳунар дар нафси худ давлат аст, ҳар ҷо ки равад, қадр бинад ва бар садр нишинад ва луқма чинаду сахтӣ набинад.

Ҳунар шуҳрати ҳунармандро баланд мебардорад ва ҳунарманд ҳар ҷое бошад, ҳамеша сарфароз аст ва ӯ ба касе ниёзманд намегардад, муҳтоҷи дигарон намешавад. Ризқу рӯзии худро аз ҳунари хеш меёбад.

Шодиовар аст, ки дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Парки технологӣ дар ин ҷиҳат пайваста тадбирандешӣ намуда, ба ҷавонон тарзи омода намудани нақшу нигор ва аз ҷумла санъати чакандӯзиро меомӯзонад. Қобили қайд аст, ки дар Парки технологии Донишгоҳ на танҳо касбу ҳунарҳои занона, инчунин кандакорӣ, чӯбтарошӣ, таъмири мизу курсӣ ва монанди он ба донишҷӯён омӯзонида мешавад.

*Мирзоева Бунафша, н.и.п,*
*мутахассиси парки технологӣ*

# ОБ-МӮЪҶИЗАИ АСРОРАНГЕЗИ ТАБИАТ

**Об асоси ҳаёт аст, вай мӯъҷизаест, ки на ранг, на бӯй ва на мазза дошта, барои организмҳои зинда муҳим ба ҳисоб меравад, яъне бе об ягон организми зинда фаъолият карда наметавонад. Ин аст, ки обро мӯъҷизаи табиат меноманд. Об барои нигоҳдории фаъолияти муътадили ҳуҷайраҳо, бофтаҳо ва организм зарур мебошад. Муҳимтарин протсесҳои ҳаётан зарури биологии организмҳо бо иштироки об ба амал меояд. Бинобар ин об қисми ҷудонашавандаи кулли организмҳои зинда мебошад ва об барои организмҳо ҳамчун ҳалкунанда аҳамияти бузург дорад.**

Ҳамаи моддаҳои органикию ғайриорганикие, ки вориди организм мегарданду дар вай ҳаракат менамоянд дар шакли ҳалшудаанд. Мувофиқи ақидаи физиологҳо аз 3/2 ҳиссаи вазни одам ва аз 40 то 90% таркиби ҳуҷайраи аксари организмҳои зиндаро об ташкил менамояд. Ҳазми об дар таркиби организми набототу ҳайвонот бештар дар вақти авҷи фаъолияташон зиёд мешавад.

Об барои кулли организмҳое, ки дар вай фаъолият доранд муҳити зист ва барои ҳамаи организмҳои дар сатҳи хушкӣ фаъолият дошта, омили муҳими экологӣ мебошад.

Аз ин лиҳоз ягон омили дигари экологӣ монанди об имконияти васеи паҳншавӣ ва мавҷудияти организмҳои зиндаро дар сатҳи сайёра надорад. Сарчашмаи асосии таъмини оби сайёра боришот мебошад, ки ҳаҷми солонаи вай дар сатҳи кураи замин хеле нобаробар аст. Аз ҳама боришоти зиёди сайёра дар минтақаи атрофии хати истиво аз арзи 100 шимолӣ то арзи 100 ҷанубӣ мушоҳида мешавад. Об дар тағйир додани иқлим нақши калон мебозад. Аз ин сабаб иқлими назди ҷӯй, каналу дарё ва баҳру уқёнус ҳамеша салқину намнок аст. Об манбаи моҳидорӣ, моҳипарварӣ, намакистеҳсолкунӣ, марҷону марворидгирӣ мебошад. Об асосан истеҳсолоти кишоварзӣ аст. Инчунин манбаи нерӯи барқ ба ҳаракат овардани чархҳои осиёб, обҷувоз мебошад. Об ҳамчун ашёи хоми саноатӣ дар корхонаҳо зарур аст, ҳамчун ҳалкунанда, хунуккунанда, шӯянда ва ба ҳаракатоpанда низ мебошад. Мисол: барои гудохтани 1 тонна чӯян ва ба пулод баргардонидани он 300 м3 об лозим аст. Об дар шустушӯй ва тоза нигоҳдории муҳити зиндагии одамон мавқеи бузург дорад.

Дар табиат об ҳамеша дар гардиш аст. Об аз сатҳи замин бухор шуда, ба масофаҳои дур меравад ва пас боз ба шакли борон, барф ва ғайра ба замин мерезад. Об дар раванди ин гардиш ба иқлим таъсири калон мерасонад. Нақши об дар вайрон кардани ҷинсҳои кӯҳӣ хеле калон аст. Об ба ҷинсҳои кӯҳӣ на танҳо таъсири механикӣ расонда онҳоро пора-пора мекунад, инчунин бо таъсири механикӣ, бо онҳо ба реаксияи химиявӣ, дохил мешавад. Бо иштироки фаъолонаи об дар табиат бисёр ҷинсҳои нави кӯҳӣ ба вуҷуд меояд. Оби табиӣ ҳаргиз тоза нест. Вай моддаҳои ҳалшуда ва ҳар гуна ғашу омехтаҳои механикӣ дорад. Дар 1 тонна оби баҳр ва гоҳ ба ҳисоби миёна қариб 35 кг, оби кӯл 20 кг, оби дарё 1,6 кг, оби борон 50 г моддаҳои ҳалшуда мавҷуд аст. Ин гуна моддаҳо бештар дар оби баҳру уқёнусҳо вомехӯранд. Аз ин сабаб маззаи оби баҳр талху шӯр аст. Дар оби борону барф таҳшин хеле кам аст.



Дар оби баъзе чашмаҳо маҳлули моддаҳое ҳастанд, ки хосияти шифобахшӣ дорад. Инчунин обҳоро обҳои минералӣ меноманд. Онҳо барои муолиҷаи касалиҳои гуногун истифода карда мешаванд. Чашмаҳои оби минералӣ дар Кавказ (Кисловодск, Пятигорск, Матсеста ва ғ.), инчунин дар Украина (Трусковетс), Шарқи дур ва дигар ҷойҳо ҳастанд. Дар Тоҷикистон ҳам чашмаҳои оби минералӣ хеле зиёданд. Аз 4/3 ҳиссаи сатҳи замин бо об пӯшида шуда бошад ҳам, қариб 60%-и сатҳи замин аз обҳои нӯшокӣ маҳрум аст ва 500 млн одам ба бемориҳое гирифторанд, ки ба норасогии об ё оби хушсифат вобастагӣ дорад.

Шаҳрҳо ва ноҳияҳое мавҷуд аст, ки об ба воситаи киштӣ ё автомашинаҳо дастрас мешавад. 90%-и таркиби растаниҳо ва 75%-и организми одамро об ташкил мекунад, ки ин шарти асосии ҳаёт аст.

Ҳангоми нарасидани об фаъолияти узвҳои ҳозима, гардиши хун ва ғайра номуташакил мегардад. Одам метавонад бе об якчанд рӯз зиндагӣ кунад. Бо талаф шудани 2%-и оби бадан (1, 1,5 л) ташнагӣ ҳис карда мешавад ва аз норасоии 6-8%-и оби бадан чарх задани сар ва норасоии 10%-и об дар бадан аз ҳуш рафтан ва норасоии 12%-и об ба фавти организм оварда мерасанд. Ҳайвонҳо бошад ҳангоми норасоии 20-25%-и оби бадан ба марг дучор мешаванд.

Вобаста ба шароити муҳит, фаъолияти ҷисмонӣ ва миқдори намаки хӯрок, ба ҳисоби миёна, одам аз 2 то 4 л об дар як шабонарӯз истеъмол мекунад.

Истеъмоли зиёди об ба фаъолияти дил ва рагҳои хунгард таъсири манфӣ расонида ба воситаи оби бадан талафи намакҳо зиёд мешаванд ва фаъолияти кори бадан суст мешавад. Таркиби минералии об аҳамияти калон дорад ва барои организм миқдори то 2гр минералҳо дар 1 л об лозим аст. Мисол аз норасоии фтор дар таркиби об бемориҳои дандон пайдо мешавад. Миқдори намакҳои Ca, Mg, Fe, дурушттии обро ташкил медиҳанд. Дар оби дурушт пухтани сабзавоту гушт мушкил аст, чунки намакҳои номбурда ба сафедаҳои моддаҳои хӯрокворӣ пайваст шуда, пайвастагиҳои ҳалшаванда ҳосил мешавад, ки чунин пайвастагиҳоро организм аз худ карда наметавонад. Дурушттии об ҳангоми ҷӯшонидани он бартараф карда мешавад.

Барои организмҳо суръати ҳаракати об ҳам аҳамияти хосае дорад, чунки зери ҳаракати об организмҳо барои идомаи фаъолияти муътадили худ оксигену маводи ғизоии заруриро дарёфт менамоянд.

***Шарифова Бунафша-унвонҷӯи кафедраи биология***
***ва методикаи таълими он***

*Хирадманд бошеду покизадин,*
*Аз офат ҳама поку берун зи кин. Фирдавсӣ*



# КОНФРОНС: “ПРЕЗИДЕНТ-КАФИЛИ ПОЙДОРИИ СУЛҲУ СУБОТ”

Санаи 16.11.2024 конфронси илмӣ-назариявии ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯёни факултети химия ва биологияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ бахшида ба Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҷлили ҷашни 32-солагии Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ таҳти унвони “Президент-кафили пойдории сулҳу субот” баргузор гардид.



Дар конференсия сардори раёсати илм ва инноватсия, дотсент Шарипов Анвар, декани факултет, номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсент Исуфов Дилшод, номзади илми химия, дотсент Холиқов Сафар, саромӯзгори кафедраи кафедраи таърихи халқи тоҷик Шоинов Ҳасан, мудирони кафедраҳои факултет ва дигар омӯзгорону донишҷӯён иштирок доштанд.

Конференсия бо сухани ифтитоҳии декани факултет, номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсент Исуфов Дилшод, оғоз гардид.

Сипас, сардори раёсати илм ва инноватсия, дотсент Шарипов Анвар суханронӣ намуда, қайд намуданд, ки “Мақоми арзандаи Пешвои миллат ин як амри таърихиест, ки он барои хизматҳои бузурги ӯ ба миллат мебошад. Агар хизматҳои Эмомалӣ Раҳмонро бо шуҷоату истеъдоди сарвариаш зам намоем, пеш аз ҳама, қобилияти баланд ва касбияти сиёсии ӯ ҳамчун пешвои сиёсӣ пеши назар меояд, ки ин боиси дастгирӣ ва эҳтирому ифтихор аст. Албатта Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо заҳматҳои шабонарӯзӣ ва ҳидояти созандагию бунёдкориаш ифтихори миллат, поягузори сулҳу салоҳ ва меъмори давлати навини тоҷикон гардидааст, ки бо матонату диловарӣ, қаноату баробарӣ ва шуҷоату бокорӣ тавонист миллати тоҷикро аз вартаи ҳалокат раҳо намояд”.

Баъдан дотсент Холиқов Сафар дар мавзуи “Партави меҳри шумо ин мулкро обод кард” саромӯзгори кафедраи кафедраи таърихи халқи тоҷик Шоинов Ҳасан дар мавзуи “Президент кафили сулҳ” ва омӯзгори кафедраи биология ва методикаи таълими он Шарифова Бунавша дар мавзуи “Фарзонафарзанди миллат” маърӯзаҳои худро ироа намуданд.

Кори конференсия бо тамошои порча аз филме бахшида ба Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ ва дастовардҳои сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба охир расид.

# БАРГУЗОРИ КОНФРОНСИ ҶИД



Дар маркази рушди касбият ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ бо ташаббуси факултети молиявию иқтисодӣ конфронси донишгоҳии ҷамъияти илмии донишҷӯён таҳти унвони “Нақши Пешвои миллат-Эмомалӣ Раҳмон дар рушди устувори иқтисоди миллӣ” бахшида ба 16-ноябр Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 32-солагии Иҷлосияи 16-уми Шурои Олӣ баргузор гардид.

Дар конфронс декани факултет, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Фатҳуллозода Абдухолиқ, сардори маркази рушди касбият ва инноватсия, номзади илмҳои педагогӣ Давлатов Миралӣ, ҷонишини декан оид ба илм, инноватсия ва муносибатҳои байналмилалӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ Вазирзода Дилором, ҳайати устодону донишҷӯёни донишгоҳ иштирок доштанд.

Кори конфронс бо сухани ифтитоҳии декани факултет, дотсент Фатҳуллозода Абдухолиқ оғоз гардид. Зимни баромад аҳли толорро ба муносибати ҷашнҳои муборaку муқаддас- Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 32-солагии Иҷлосияи 16-уми Шурои Олӣ табрику шодбош гуфта, ибroз доштанд, ки мо мардуми шарифу саодатманди Тоҷикистони азиз хуб эҳсос ва изҳори иродат менамоем, ки Пешвои миллат, сарфи назар аз ҳамаи мушкилоту монеаҳои мавҷудаи даврони гузашта, тамоми захираву имкониятҳоро барои беҳбуд бахшидани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ ва саодати мардум сафарбар намуд. Дар лаҳзаҳои барои давлати мо мураккабу печида маҳз шахсияти Пешвои миллат буд, ки халқи тоҷик аз пароканд агӣ наҷот ёфт ва то охирин гурезаи тоҷик ба ватан баргашт. Аз ин ҷост, ки хизматҳои бузурги ӯро миллат ҳаргиз фаромӯш нахоҳад кард. Ӯ Пешвои маҳбубу хирадрой ва фарзанди фарзонаву шуҳратёри диёр аст.

Дар идома Зокирҷони Маҳмадалӣ, донишҷӯи курси 3-юми факултети молиявию иқтисодӣ дар мавзуи “Нақши саноатикунонии босуръат дар рушди саноати миллӣ”, Шамсова Ҳидоятбону, донишҷӯи курси сеюми факултети болозикр дар мавзуи “Инфрасохтори пардохт ва рушди бозори хизматрасониҳои пардохтӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва Назарова Замира донишҷӯи курси 3-юми факултет дар мавзуи “Иқтисодиёт сабз” баромад намуданд.

Дар охир миёни иштирокчиён ва баромадкунандагон мубодилаи афкор сурат гирифт.

# ДОНИШҶӮЁНИ ДОНИШГОҲ - ҒОЛИБИ МУСОБИҚАИ ҶУМҲУРИЯВӢ

Хурсандиовар аст, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди рӯзафзуни ҷомеаи шаҳрвандӣ дар доираи тадбирҳо ҷиҳати татбиқи сиёсати созанда ва ҷавонпарваронаи Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати кишвар, ки дар маркази он ташвиқу тарғиби тарзи ҳаёти солим инъикос меёбад, рӯ овардан ба варзиш машғулияти асосии мардум, алалхусус наврасону ҷавонон гардидааст.

Мусаллам аст, ки насли наврасу ҷавон ба тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ҳамчун омили муҳими беҳдошти саломатӣ ва ташаккули ҷисмониву маънавӣ ҳанӯз аз замонҳои қадим майлу рағбати зиёд доштанд. Варзиш дар радифи таъмини солимии ҷомеа чун неруи бузург омили муттаҳидӣ ва қосиди сулҳу ҳамраъйии мардум гардидааст.

Шоистаи таҳсин ва ифтихори афзун аст, ки донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ мудом дар мусобиқоти сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ аз худ маҳорати баланди варзишӣ нишон дода, барандаи диплому ҷоизаҳои мусобиқоти варзишӣ гардида, нуфузи муассисаро дар арсаи кишвар ва ҷаҳон меафзоянд.

Аз ҷумла донишҷӯёни зерини факултети тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбии донишгоҳ санаи 12-уми ноябри соли 2024 дар шаҳри Хуҷанд, дар мусобиқаи ҷумҳуриявӣ оид ба варзиши сабук аз рӯи намудаи давидан ба масофаҳои гуногун ва партофтани туби теннис миёни ҷавонону наврасон иштирок намуда, ба гирифтани ҷойҳои ифтихории мусобиқот шарафёб гардиданд:

Эшназарова Зухро, донишҷӯи курси дуюм аз рӯи варзиши сабук, давидан ба масофаи 5 км ва партофтани туби теннис, ҷойи якум;

Дилнозаи Ҳикматулло, донишҷӯи курси сеюм аз рӯи варзиши сабук, давидан ба масофаи 1500 м ва партофтани туби теннис, ҷойи дуюм;

Саидакбари Саидумар, донишҷӯи курси чорум аз рӯи варзиши сабук, давидан ба масофаи 1500 м ва партофтани туби теннис, ҷойи дуюм.

Раёсати донишгоҳ донишҷӯёнро барои мушарраф гардидан ба музаффариятҳо самимона табрик гуфта, дар корҳои минбаъдаашон барор мехоҳад.







# БАРГУЗОРИИ МАҲФИЛИ “РУССКАЯ РЕЧЬ”







Санаи 19-уми ноябр соли равон дар факултети филологияи руси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ маҳфили навбатии кафедраи забони муосири рус бо номи "Русская речь" зери роҳбарии муаллими калони кафедра-Муродов Равшан, дар доираи чорабиниҳо бахшида ба Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.

Дар кори маҳфил декани факултет, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Шарифзода Одинамо ва устодону донишҷӯёни факултет иштирок доштанд.

Дар оғози маҳфил декани факултет, дотсент Шарифзода Одинамо суханронӣ намуда, аз корномаи беназири Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бунёди давлати миллӣ ва таъмини сулҳу субот дар кишвар ёдовар шуда, садоқат ба сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллатро рамзи олии ватандорӣ ва вазифаи шаҳрвандии ҳар фарди худогоҳ арзёбӣ намуд. Зимнан донишҷӯёни курси якуми факултетро, ки соли ҷорӣ ба ҳайси донишҷӯ ба донишгоҳ қабул шудаанд, табрику таҳният гуфта, ба онҳо дафтарчаи имтиҳонотӣ ва шаҳодатномаи донишҷӯӣ супориданд.

Дар идома донишҷӯи курси якуми факултет- Холова Сумая, дар мавзуи “Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон” маърӯзаи худро ироа намуд.

Кори маҳфил бо иҷрои суруд дар васфи “Душанбе” аз тарафи донишҷӯи курси 2-юми факултет-Фатозода Саидадунё, ба охир расид.

# РӮЗИ ҶАҲОНИИ ФАЛСАФА ДАР ДОНИШГОҲ

Дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ бо ташаббуси кафедраи фалсафа ҳамоиши илмӣ дар мавзуи “Таҳаввулоти илмӣ-техникӣ ва ояндаи инсоният ҳамчун проблемаи фалсафӣ” бахшида ба Рӯзи ҷаҳонии фалсафа баргузор шуд, ки дар он олимону донишмандон ва донишҷӯёни донишгоҳ иштирок доштанд.



Дар ҳамоиш доктори илмҳои фалсафа, профессор Ибодов Махмадулло Орифович дар мавзуи “Ғояи таҳавулотгароии глобалӣ дар фалсафа ва илми муосир”, дотсент Сайдалиев Додарбек дар мавзуи “Нақши СММ дар ҳали масоили муосири муносибатҳои байналмилалӣ”, доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси фалсафа, дотсент Камолов Шодмончон доир ба “Вазъи таълими курси фалсафа дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ”, доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси фалсафа, мудири кафедраи фалсафа Ғаюров Лоиқ дар мавзуи “Рушди техника ва ояндаи инсоният: мушкилот ва дурнамо”, муаллимони калони кафедра Шокирзода Аёз доир ба “Мавқеи фалсафа дар рушди ҷомеа” ва Раҷабов Аминҷон дар робита ба “Фаҳмиши идеяи таҳавулотгароии глобалӣ дар фалсафа” ва дигар олимону донишмандон ибрози назар карданд.



Кори ҳамоиш дар сатҳи хеле олӣ ҷараён гирифта, иштирокдорони роҷеъ ба мавзуъҳои зикргашта табодули назар карданд.

Мавриди зикр аст, ки аз соли 2005 бадин сӯ бо Қарори ЮНЕСКО ҳар сол панҷшанбеи сеюми моҳи ноябр дар саросари дунё ҳамчун Рӯзи фалсафа таҷлил мегардад.

# ҲАВАСМАНДГАРДОНИИ ҒОЛИБОНИ ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВӢ




Дар таърихи 24.11.2024 дар саҳни бинои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб маросими истиқбол ва қадршиносии донишҷӯёни донишгоҳ-ғолибони озмуни ҷумҳуриявии “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст” дар ҳошияи таҷлили Рӯзи Парчами давлатии Ҷумухрии Тоҷикистон дар шаҳри Кӯлоб баргузор гардид.

Ғолибонро раиси шаҳри Кӯлоб Назарзода Бахтиёр, ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек, ҳайати омӯзгорону донишҷӯёни донишгоҳ ва дигар меҳмонон дар вазъияти тантанавӣ бо як шукуҳу шаҳомати хоса бо гулу гулдастаҳо истиқбол намуданд.

Сипас, зимни баргузории чорабинии фарҳангӣ бахшида ба Рӯзи Парчами давлатӣ, ки дар қасри фарҳанги шаҳри Кӯлоб бо як шукуҳу шаҳомати хоса баргузор гардид, ректори донишгоҳ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек суханронӣ намуда, ғолибонро табрику шодбош гуфта, дастоварди бузург ва шоистаи ифтихорро дар ҳошияи истиқбол аз 32-солагии Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳамагон табрику шодбош гуфтанд. Ҳамзамон қайд намуданд, ки шарафи бузург ва ифтихори фаровон аст, ки дастаи олимпии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ бо гирифтани 3 ҷойи намоён (1 ҷойи якум дар номинатсияи “Адабиёти классикии тоҷик”, 2 ҷойи сеюм (як ҷой аз номинатсияи “Адабиёти ҷаҳон”, як ҷой аз номинатсияи “Адабиёти муосири тоҷик”) ва 2 “Ифтихорнома” барои иштироки фаъолона) миёни дастаҳои олимпии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар ифтихороти Донишгоҳро баланд бардоштанд.

Дар идома фармоиши ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ оид ба ҳавасмандгардонидани ғолибон ва роҳбарони онҳо ба самъи ҳозирин расонида шуда, ғолибон ва роҳбарони онҳо бо сипоснома ва мукофотҳои пулӣ қадрдонӣ шуданд.

**ҶОЙИ ЯКУМ**

1. Гулизори Абдуқодир - донишҷӯи курси сеюми факултети химия ва биология дар номинатсияи «Адабиёти классикии тоҷик», зери роҳбарии Файзи Ашӯр–шоир, роҳбари маҳфили адибони ҷавони донишгоҳ;

**ҶОЙИ СЕЮМ**

2. Саида Бобоева – магистранти соли дуюми факултети филология хориҷӣ дар номинатсияи «Адабиёти ҷаҳон», зери роҳбарии Шарофат Худойдодова-дотсент, муовини ректор оид ба муносибатҳои байналмилалӣ;

3. Зиёвуддин Дустаҳмадзода - донишҷӯи курси чоруми факултети филология тоҷик ва журналистика дар номинатсияи «Адабиёти муосири тоҷик», зери роҳбарии Зулфиев Гадомад – дотсент, декани факултети филологияи тоҷик ва журналистика;

**ИФТИХОРНОМА**

4. Мафтунаи Сафархон - донишҷӯи курси дуюми факултети филологияи тоҷик ва журналистика дар номинатсияи «Адабиёти муосири тоҷик», зери роҳбарии Зулфиев Гадомад–дотсент, декани факултети филологияи тоҷик ва журналис- тика;

5. Аҳмадзода Сафина - донишҷӯи курси сеюми факултети физика ва математика дар номинатсияи «Адабиёти муосири тоҷик», зери роҳбарии Ашурова Саодат – ҷонишини декани факултети физика ва математика оид ба корҳои тарбиявӣ.




# ИСТИҚБОЛ АЗ РӮЗИ ПАРЧАМ ДАР ДОНИШГОҲ



Яке аз рамзҳо ва нишонаҳои асосии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатдории тоҷикон ин Парчами Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки 24 ноябри соли 1992 қабул карда шудааст. 32 сол боз ин ҷониб мардуми шарафманди кишвари маҳбубамон зери партавафшонию ҷилваи Парчами давлатӣ- яке аз муҳимтарин муқаддасоти миллию давлатӣ кору зиндагонӣ доранд. Дар ин росто санаи 23 ноябри соли 2024 дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ чорабинии мутантани фарҳангӣ-фароғатӣ бахшида ба Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти унвони “Парчам-рамзи ифтихор ва худогоҳии миллӣ” бо иштироки ҳайати раёсат, омӯзгорону кормандон ва донишҷӯёни донишгоҳ баргузор гардид.

Чорабинӣ бо роҳпаймоии осоиштаи ҳайати бисёрҳазорнафараи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ҳамчун рамзи эҳтиром ва арҷгузорӣ ба муқаддасот ва рамзи давлатдориву ойини худшиносӣ-Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз гардид.

Сипас, қисмати тантанавиро муовини ректори донишгоҳ оид ба таълим, дотсент Абдусамадзода Эраҷ оғоз намуда, ҳозиринро ба муносибати Рӯзи Парчами давлатӣ шодбош гуфта, қайд намуданд: “Таърихи парчамдорӣ баёнгари он аст, ки ниёгони сарбаланди мо шаъну шарафи дирафши коваёниро чи дар дохили кишвар, чи дар набардҳои сарнавиштсоз нигаҳбонӣ кардаанд.

Парчами миллӣ рамзи соҳибдавлатӣ, шуҷоату матонат, нангу номус, иқтидору иттиҳод, иродаи қавӣ ва рӯҳи матини мардуми тоҷик мебошад. Тавре, ки Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид кардаанд: “Имрӯз барои миллати соҳибтамаддуни тоҷик парчам сарчашмаи нерӯву тавонмандӣ дар роҳи созандагиву бунёдкорӣ ва сармояи ғуруру ифтихори миллӣ мебошад. Яъне Парчами давлатӣ сокинони кишвари моро дар майдони ободониву созандагии Ватан муттаҳид намуда, ҳисси миллӣ, ифтихори ватандорӣ ва худшиносиву худогоҳии онҳоро тавсеаву тақвият мебахшад. Маҳз бо парафшонии ин рамзи муқаддас мо ҳоло пояҳои давлати соҳибистиқлоламонро таҳким бахшида, барои ба як мулки ободу пешрафта табдил додани Тоҷикистони маҳбубамон саъю талош карда истодаем”.

Сипас, барномаи бошукуҳ ва рангини ҳунарии ансамбли “Наво”-и бахши фарҳанги Донишгоҳ, иборат аз суруду мусиқӣ ва рақсу бозӣ пешкаши ҳозирин гардонида шуд.

Барномаи фарҳангӣ бисёр бошукуҳ ва хотирмон буд. Дар барномаи ҳунарии кормандони ансамбли “Наво”-и Донишгоҳ суруду таронаҳои тараннумкунандаи сулҳу ваҳдат, дӯстӣ, бузургии сарзамини аҷдодӣ ва арҷгузорӣ ба муқаддасот ва рамзи давлатдориву ойини худшиносӣ-Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, садо доданд.



# МИЗИ МУДАВВАР ДАР ФАКУЛТЕТИ ОМӮЗГОРӢ



Таърихи 28-уми ноябри соли 2024 дар факултети омӯзгорӣ ва фарҳанги Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ бо ташаббуси кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳо мизи мудаввар дар мавзуи “Мушкилоти санъати рассомӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” гузаронида шуд.

Дар мизи мудаввар ҷонишини декан оид ба илм, инноватсия ва муносибатҳои байналмилалӣ Ёрматов Алишер, мудири кафедраи болозикр, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Акбарова Маҳрамбӣ, мутахассиси раёсати илм ва инноватсия Сайдалиева Фотима, н.и.п., дотсент Мирзоева Бунафша, ҳайати омӯзгорони кафедра ва донишҷӯён иштирок доштанд.

Мизи мудаввар бо суханронии ҷонишини декан оид ба илм, инноватсия ва муносибатҳои байналмилалӣ Ёрматов Алишер оғоз гардид. Таъкид карда шуд, ки имрӯз мушкилоти санъати рассомӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як мавзуи муҳим ва мураккаб мебошад, ки ба соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ таъсир мерасонад.

Дар идомаи кори мизи мудаввар омӯзгори кафедра-Пулодов Амирҳамза, дар мавзуи “Мушкилоти санъати рассомӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Мирзоева Бунафша дар мавзуи “Эҳё намудани ҳунарҳои мардумӣ (дар партави суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон)”, донишҷӯи курси чоруми ихтисоси таҳсилоти ибтидоӣ дар мавзуи “Кулолгарӣ яке аз ҳунарҳои мардумӣ” маърӯзаҳои худро ироа намуданд.

Дар зимн ороиши кулол аз тарафи донишҷӯи соли чорум ихтисоси дефектология Фирдавси Ислом дар амал нишон дода шуд. Мизи мудаввар бо мубодилаи афкор миёни омӯзгорон ва донишҷӯён ба анҷом расид.

# ЗАБОНШИНОС ВА МЕТОДИСТИ ҶАВОН



Дар таърихи 29.11.2024 дар факултети филологияи тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ маҳфили “Забоншинос ва методисти ҷавон”-и назди кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забон бо иштироки мудири кафедра, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Саидзода Муҳаммад, номзади илмҳои филологӣ Давлатова Фароғат, роҳбари маҳфил Одинаева Ҳуснигул, ҳайати омӯзгорон ва донишҷӯёни аъзои маҳфил гузаронида шуд.

Дар маҳфил Давлатшозода Муаттара - донишҷӯи курси сеюми ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик дар мавзуи “Ташаккул ва таҳаввули шевашиносӣ дар забони тоҷикӣ” ва Шарипова Давлатмо-донишҷӯи курси сеюми факултет дар мавзуи “Методикаи таълими ҷумла” маърӯзаҳои худро ироа намуданд.

Маҳфил бо саволу ҷавоб ва мубодилаи афкор миёни иштирокчиён ба охир расид.

*Забон ростиро бйёроста,*
*Хирад хоста, ганҷ нохоста. Фирдавсӣ*



# ҲАВАСМАНДГАРДОНИИ ДОНИШҶӮЁНИ ДОНИШГОҲ-ҒОЛИБОНИ ДАВРИ ВИЛОЯТИИ ОЗМУНҲОИ ҶУМҲУРИЯВӢ




Санаи 4-уми декабри соли 2024 дар маркази маъмурии вилояти Хатлон – шаҳри Бохтар маросими қадрдонии ғолибони даври вилоятии озмунҳои ҷумҳуриявии «Тоҷикистон - Ватани азизи ман», «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» ва «Илм - фурӯғи маърифат» баргузор гардид. Ба маросими шукуҳманди ҳавасмандгардонӣ ғолибони озмунҳои сатҳи вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ, инчунин омӯзгорону волидони онҳо, муовинони раисони шаҳру ноҳияҳо ва масъулони соҳаҳои маориф, илм ва фарҳанги вилоят даъват шуда буданд.

Раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид зимни сухани ифтитоҳӣ иброз намуданд, ки тӯли 6 сол боз дар Тоҷикистони азизамон бо ташаббуси хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон озмунҳои ҷумҳуриявии “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст”, “Илм - фурӯғи маърифат” ва “Тоҷикистон - Ватани азизи ман” ҷараён доранд, ки инқилоби маънавиро дар соҳаи илму маърифат ва фарҳангу ҳунар миёни қишрҳои гуногуни ҷомеа ба миён овардааст. Баргузории ин озмунҳои сатҳи баланд, ки ҷиҳати рушди маънавии ҷомеа, дарку фаҳмиши ҷавонону наврасон ва ривоҷи фарҳангу санъати асили тоҷик мусоидат менамояд, дар самти омода намудани кадрҳои соҳибтахассус дар соҳаи илму фарҳанг заминаҳои созгорро фароҳам месозанд.

Изҳори қаноатмандӣ карда шуд, ки сатҳи баргузории даврҳои гуногуни озмун сол то сол беҳтар гардида, чеҳраҳои нави суханвару сухандон, донишманду соҳибзавқ дарёфт ва муаррифӣ мегарданд. Таъкид карда шуд, ки Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ҳамасола ҷиҳати ҳавасмандгардонии ғолибони даврҳои вилоятии озмунҳои зикршуда таваҷҷуҳ зоҳир намуда, соли равон барои дастгирӣ ва қадршиносии ғолибону устодони онҳо, дар маҷмуъ, 1 миллиону 572 ҳазору 875 сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки нисбати соли гузашта 375 ҳазору 375 сомонӣ зиёд мебошад.

Хурсандиовар аст, ки дар миёни даъватшудагон раёсат, устодон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ низ бо назардошти дастовардҳои назаррас дар даври вилоятии озмунҳо ба маросим даъват гардида, дар вазъияти тантанавӣ бо Шаҳодатнома ва мукофотҳои пулӣ ҳавасманд гардонида шуданд.



# СОЛИ ФАРҲАНГИ КИТОБХОНӢ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

***Дар толори Қасри фарҳанги шаҳри Бохтар санаи 4-уми декабри соли 2024 маросими ҳавасмандсозии ғолибони даври вилоятии озмунҳои ҷумҳуриявии «Тоҷикистон-ватани азизи ман», «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» ва «Илм-фурӯғи маърифат» бо иштироки раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид баргузор гардид.***

***Раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид зимни суханронии хеш баён доштанд, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни ироаи паёмҳояшон таъкид менамоянд: «Ҷавонони имрӯза бояд ҳамқадами замон бошанд, ба мутолиаи китоб машғул шаванд, чункиояндаи миллат дар дасти ҷавонон аст». Вобаста ба ин, пешниҳод менамоям, ки бо мақсади тақвияти сатҳи донишу маърифати сокинон, аз ҷумла ҷавонону наврасон дар вилояти Хатлон соли 2025 – “Соли фарҳанги китобхонӣ” эълон карда шавад, - афзуд раиси вилоят.***

***Гуфта шуд, ки ҳадаф аз ин иқдом зиёд намудани шавқу ҳаваси на фақат хонандагону донишҷӯён, омӯзгорону кормандони фарҳангу санъат, балки намояндагони ҳамаи зинаҳои таҳсилот, донишҷӯёну магистрантҳо, омӯзгорон, шоирону нависандагон, косибон, кишоварзон, нафақахӯрон ва дигар намояндагони касбу кори гуногун ба хониши китоб, мутолиаи асарҳои манзуму мансур ва эҷоди назму наср мебошад.***

# ДАСТГИРИИ ИҶТИМОӢ: ДОНИШҶӮЁН ДАР МАРКАЗИ ТАВАҶҶУҲ ВА ҒАМХОРӢ

Дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ бахшида ба Рӯзи байналмиллалии шахсони дорои имконияташон маҳдуд, ки ҳамасола дар таърихи 3 декабр қайд мешавад, чорабинӣ баргузор гардид. Дар кори он ректори донишгоҳ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек, муовинони ректор, ҳайати омӯзгорон ва донишҷӯён иштирок доштанд.

Ректори донишгоҳ профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек зимни суханронӣ таъкид намуд, ки ҷавонон ҳамеша дар меҳвари таваҷҷуҳ ва ғамхориҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дошта, масоили марбут ба дастгирӣ ва таъмини шароити арзандаи таҳсилу зиндагии онҳо аз ҳадафи асосӣ ва калидии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, аз ҷумла шахсони имконияташон маҳдуд яке аз самтҳои муҳим ва афзалиятноки фаъолияти иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан дар сиёсати инсонпарваронаи Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҳсуб мешавад.



Таъкид карда шуд, ки раёсати Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар партави сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Роҳбари олии давлат ҷиҳати дастгирии донишҷӯён мунтазам ташаббус зоҳир намуда, барои фароҳам овардани имконияти мусоиди таҳсил ва зиндагонӣ барои онҳо тадбирҳои судманд меандешад.

Муовини ректор оид ба муносибатҳои байналмилалӣ, дотсент Худойдодова Шарофат зимни пешбурди чорабинӣ ёдовар шуд, ки ташаббуси мазкур ҷиҳати татбиқи сиёсати хирадмандона ва башардӯстонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба роҳ монда шуда, дар меҳвари фаъолияти раёсати донишгоҳ ва Кумитаи иттифоқи касабаи кормандон ва донишҷӯёни донишгоҳ қарор дорад.

Дар ин рӯз аз ҷониби роҳбарияти донишгоҳ ҳамчун рамзи парасториву рафоқат ва дастгириву ҳавасмандгардонӣ барои донишҷӯёни имконияташон маҳдуд дастархон ороста шуда, ҳамзамон ба онҳо кумакҳои пулӣ расонида шуд.

Дар рафти чорабинӣ кормандони ансамбли “Наво”-и назди Хонаи маданияти донишгоҳ барномаи фарҳангӣ-фароғатии омоданамудаи худро пешкаши ҳозирин намуданд.

Мавриди зикр аст, ки донишҷӯён аз ин ҳама таваҷҷуҳу дастгириҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раёсати донишгоҳ рӯҳбаланд гардида, бо шукргузорӣ аз ҳаёти осоиштаву имконоти мусоиди зиндагонӣ ба Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳори сипосу миннатдорӣ баён намуданд.

# ГЕОГРАФ-САЙЁҲОНИ ҶАВОН






Дар факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ маҳфили навбатии “Географ-сайёҳони ҷавон”-и назди кафедраи география ва сайёҳӣ баргузор гардид.

Дар маҳфил мудири кафедра, номзади илмҳои география, дотсент Гадоев Шералӣ, ассистенти кафедра, ҳамзамон роҳбари маҳфил Камолзода А ва дигар омӯзгорону донишҷӯён иштирок доштанд.

Сараввал мудири кафедра, дотсент Гадоев Шералӣ суханронӣ намуда, маҳфилро ҳусни оғоз бахшид. Сипас, Ҷумахонов Ормон донишҷӯёни курси 2-юми факултет дар мавзуи “Пиряхҳо танзимкунандаи оби ширин дар сайёраи Замин” ва Шоҳрухи Назаралӣ дар мавзуи “Захираҳои обии минтақаи Кӯлоб: дурнамо ва истифодабарии онҳо” баромад намуд.

Маърӯзачиён зимни баромади хеш иброз дошт, ки пиряхҳо ё барфсангҳо дар сайёраи Замин мақоми муҳим ва хеле хос доранд, ва як унсури асосии танзимкунандаи оби ширин дар экосистемҳо ва муҳити Замин мебошанд. Онҳо барои таъмини оби ширин дар як қатор минтақаҳо нақши калидӣ мебозанд.

Дар охир маҳфил бо саволу ҷавоб ва муҳокимаи устодону донишҷӯён ба анҷом расид.

# ДАРСИ НАМУНАВӢ: СИЁСАТИ ГЕОСТРАТЕГИИ ХИТОЙ

Дар факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дарси кушоди ассистенти кафедраи муносибатҳои байналмилалӣ Сафаров Ҳакимшо дар гурӯҳи таълимии 305-и ихтисоси муносибатҳои байналмилалӣ дар мавзуи «Сиёсати геостратегии Хитой» баргузор гардид.

Дар дарс мудири кафедраи муносибатҳои байналмилалӣ, номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Пирназаров Эмомназар, мудири кафедраи сиёсатшиносӣ, номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Муродова Гулчеҳра, муовини декан оид ба илм, инноватсия ва муносибатҳои байналмилалӣ, номзади илмҳои сиёсӣ Файзов Рамазон, муаллими калони кафедраи ҳуқуқшиносӣ Қурбонова Зарина иштирок доштанд.

Муаллим дарсро тибқи талаботи мактаби олӣ оғоз намуда, қайд намуд, ки “Сиёсати геостратегии Чин як стратегияи фарогирест, ки ҳадафи он таҳкими мавқеи кишвар ҳамчун абарқудрати ҷаҳонӣ мебошад. Стратегияи геостратегии Чин асосан ба ташаккули



низоми ҷаҳонӣ равона шудааст, ки дар он худи Чин нақши калидӣ мебозад. Моҳияти он дар эҷоди тавозуни қудратҳо, таҳкими мавқеъ дар манбаъҳои муҳим ва ташкили муколамаҳои нави бисёрҷониба аст”.

Дар қисмати дигари дарс муаллим ба донишҷӯён оид ба самтҳои асосии сиёсати геостратегии Чин фаҳмонида суолҳо пешниҳод намуда, донишҷӯён ҷавобҳои қаноатбахш гардониданд.

# НАҚШИ МАКТАБ ДАР ТАШАККУЛИ ҲИССИ ТАБИАТДӮСТӢ ВА МАЪРИФАТИ ЭКОЛОГИИ ХОНАНДАГОН

**Мактаб ба ту ёд медиҳад илму адаб,**
**Мактаб зи ту мебарад ғаму ранҷу тааб.**
**Як нуктаи мухтассар зи мактаб гӯям,**
**Одам нашавад касе, магар аз мактаб.**
**(С.Айнӣ)**

Масъалаи тарбия ва одобу маърифати экологӣ ва муҳофизати табиат яке аз вазифаҳои муҳими мактаб, муаллимон, устодони мактабҳои олӣ ва аҳли башар ба шумор меравад, зеро иҷрои амалии онҳо тақдири ҳозираю ояндаи ҷамъиятро таъмин менамояд. Барои ҳифзи табиату боигариҳои он ва ташаккули завқи табиатдӯстии хонандагону донишҷӯён ба амал баровардани маърифату маданияти экологии онҳо яке аз вазифаҳои асосии мактабу аҳли башар ба шумор меравад. Мафҳуми маърифату маданияти экологӣ аз ҳифзи табиат, истифодабарии самараноки сарватҳои гаронбаҳои он, азнавбавуҷудорию кабудизоркунии мавзеъю маҳалҳои кишвари худ, азхудкунию омӯхтани қонунҳои табиат, аз овони кӯдакӣ ташаккулёбии рафтору муносибатҳои ғамхорона ба табиат бар меоянд.

Мактаб муассисаи асосии таълимию тарбиявӣ буда, дар он роҳу усулҳо ва методҳои гуногуни ташаккули шавқу завқ ва маърифати экологии хонандагон ба амал бароварда мешавад. Зеро ҳалли масъалаҳои экологию ҳифзи табиат яке аз вазифаҳои муҳими муаллимону мактаб ба шумор меравад. Аз ин лиҳоз, донишҳои экологии хонандагону аҳли башар яке аз шартҳои муҳимтарини ҳифзи табиат, сарвату бойгариҳои он, солимгардонии муҳити зист ва ҷамъият мебошад.

Маҳз дар мактаб, дар ҷараёни таълими сикли фанҳои биологӣ аввалин маротиба бо таври илмӣ дар ниҳоди хонандагон тасаввуроти ибтидоӣ дар бораи мавқеъ ва ҷои худ дар табиат, муносибати ғамхоронаю муҳаббат ба он ташаккул меёбад.

Масъалаҳои педагогию психологӣ ва умумибиологии тарбияю маърифати экологии хонандагон дар тадқиқотҳои илмию методии олимони машҳури Руссия И.Д.Зверев (1978), С.Н.Глазычев (1980), Я.И.Габеев (1990), Б.Г.Иоганзев (1976), А.Н.Захлебный (1981), И.Н.Пономарёва (1980), И.Т.Суравегина (1977), Н.А.Рыков (1961) ва донишмандони риштаи биологияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумла: А.Давлатов (1999), М.Дарвозиев (2010), З.К.Кобулиев (2003), А.Эргашев (2002), С.Худойбердиев (1998), С.Давлатов (2006), Ҳ.Асоев (2007), М.Саидов (2013), Р.Забиров (2012) ва дигарон тавсиф ёфтаанд.

Яке аз монеаҳои ташкилу омӯзиши равияю равандҳои маърифати экологӣ дар мактаб дастрас набудани маводи таълимӣ (китобҳои дарсӣ, васоити илмию методӣ, асбобҳои аёнӣ, воситаҳои техникӣ-диопозитивҳо, диафилмҳою филмҳои таълимӣ), тахтаҳои электронӣ оид ба фанҳои экология ва муҳофизати табиат мебошад.

Дар маводҳои таълимӣ, ки дар ташаккули шавқу завқ ва маърифати экологии хонандагон ки нақшаи асосӣ доранд, чунин камбудиҳо ҷой доранд:

а) дар барномаю китобҳои дарсии фанҳои биологӣ (ботаника, зоология, анатомия, физиология ва гигиенаи одаму биологияи умумӣ) мақсад ва мундариҷаи тарбияи экологии хонандагон ва самти иҷрои амалии он муайян карда нашудаанд;

б) талаботи педагогию психологӣ оид ба муносибати доимии хонандагон бо табиат шарҳу эзоҳ наёфтаанд;

в) оид ба ташкилу фаъолияти хонандагон дар алоқамандӣ бо омӯзиш, муҳофизат, нигоҳубин ва кабудизор кардани табиат дар китобу барномаҳои дарсӣ соатҳои алоҳида ҷудо карда нашудааст;



г) тарбияи экологии хонандагон дар мактабҳои миёна на танҳо барои ташаккули шавқу завқ ва маърифатнокию масъулиятнокии онҳо ба омӯзиши муҳити маҳал ва муҳофизати табиат, балки ба азхудкунии маҷмуи донишҳои муайянкунии мафҳумҳои умумибиологӣ равона карда шуданд.

Дар ҷараёни таълиму тарбия, яке аз ҷиҳатҳои асосӣ ин таъмин намудани дараҷаи баланди тайёрии касбии хонандагон, дониш, маҳорату малакаҳои биологию экологӣ, ташаккули ғамхорӣ ва масъулиятноки нисбат ба табиат мебошад. Барои таъмину дастрас намудани чунин талаботи педагогию психологӣ, дар ҷараёни таълими доираи фанҳои зистшиносӣ  мо зарур шуморидем, ки ба масъалаҳои азхудкунии мафҳумҳо оид ба табиати маҳал, гурӯҳҳои асосии набототу ҳайвоноти кишвари худ ва алоқамандии онҳо бо муҳит диққати ҷиддӣ диҳем.

Барои пурмазмуну ғанитар шудани таълими биологияи умумӣ ва асосҳои муҳофизати табиату экология дар мактабҳои миёна истифода ва омӯзиши маводҳои иловагӣ ва маводҳои илмию методӣ, ба монандӣ: А.Н. Захлебный, И.Д.Зверев, И.Т.Суравегина, «Муҳофизати табиат дар курси биологияи мактабӣ», С.Акрамов «Муҳофизати табиат», М.Ҳиҷиматов «Растаниҳои ёбоии шифобахш», Ю.Нуралиев «Растаниҳои шифобахш» ба мақсад мувофиқ мебошанд.

Сабабҳои паст будани тарбия, маданият, ташаккули шавқу завқ ва маърифати экологии хонандагон дар мактабҳои миёна ба ақидаи мо инҳоанд:

1) Камшавии миқдори соатҳои дарсӣ, дар доираи фанҳои зистшиносӣ ва хусусан биологияи умумӣ;

2) Вуҷуд надоштани омӯзиши маводҳои маҳалу кишваршиносӣ ва экологӣ дар ҷараёни таълими сикли фанҳои табиатшиносӣ;

3) Кам будани соатҳои дарсӣ дар барномаи фанҳои сикли биологӣ (ботаника, зоология, анатомия, физиология ва гигиенаи одаму биологияи умумӣ) оид ба равияю равандҳои экологӣ ва муҳофизати табиат.

Аз ин лиҳоз, зиёд намудани миқдори соатҳои дарсии сикли фанҳои биологӣ ва хусусан, бо таври васеъ омӯхтани масъалаҳои экологию муҳофизати табиат, ба ташаккули шавқу завқ, маърифатнокию маданияти экологии хонандагони синфҳои V-XI кумаки калон мерасонад.

Барои баланд бардоштани маданият, маърифат ва ташаккули шавқу завқи экологии хонандагон дар мактабҳо ҷорӣ намудани таҷрибаи экологӣ бо мӯҳлати 6-10 рӯз аз аҳамият холӣ нест, зеро онҳо дар рафти таҷрибаомӯзӣ бо супориши муаллим машғулиятҳои барномавиро иҷро намуда, ба тадқиқи мавзуъҳои таълимӣ муносибати худро муайян намуда, дар ҳалли масъалаҳои омӯзиши муҳити маҳал ва маводҳои кишваршиносӣ кӯшише ба харҷ медиҳанд.

Тарбия ва маърифати экологӣ на як солу ду сол, балки тамоми ҳаёт давом мекунад. Масъалаҳои тарбияю маданияти экологии хонандагон ва ҳифзи табиат дар ҷараёни таълиму тарбия дар алоқамандии байни фанҳо, самаранок ташкил намудани машғулиятҳои беруназмактабию беруназсинфӣ ва маводҳои кишваршиносӣ сурат мегирад.

Масъалаҳои тарбияю маданияти экологӣ ва муҳофизати табиат яке аз равияҳои муҳими педагогию биологӣ ба шумор меравад.

Асосҳои психологию педагогии ин масъала, баррасӣ намудани одобу маданияти экологӣ, робитаи кӯдакон бо табиат ҳамчун шакли тарбия бо муҳити атроф, рафтору муносибати дуруст ба олами набототу ҳайвоноти маҳал, асоси ташаккули шавқу завқ ва маърифати экологии хонандагон мебошад.

Ю.Одум (1989) маърифати экологиро чунин шарҳ додааст: «Мафҳуми маърифати экологӣ ин маҷмуи муваффақиятҳои ҷамъият оид ба боҳамалоқамандию боҳамтаъсиррасонии табиату инсон ва уҳдабароёна истифода намудани таҷрибаи таърихии ин гуна робитаи дутарафа мебошад».

Дар вилояти Хатлон якчанд хоҷагиҳои ҷангалпарварӣ ташкил карда шудааст, ки дар хоҷагиҳои номбурда заминҳои нав аз худ ва обёрӣ карда шуда, ба муқобили эрозияи хок низ мубориза бурда мешавад.

Аз он ҷумла, дар хоҷагиҳои ҷангалпарварии Ховалинг, Муъминобод, Даштиҷум ҳар сол зиёда аз 500 гектар замин ниҳолҳои мевадиҳанда шинонида мешаванд, ки онҳо заминҳои нав ва барои кабудизор нобобро аз эрозияи хок муҳофизат менамоянд.

Бояд қайд кард, ки муҳофизати табиат ва нигоҳдории сарватҳои он на фақат кори сохтору мақомотҳои давлатӣ, кумитаҳои муҳофизати табиати ноҳияҳои шаҳру вилоятҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ, балки вазифаҳои фахрии ҳар як аъзои ҷамъиятӣ мебошад. Дар масъалаи муҳофизати табиат саҳми хонандагону муаллимон бағоят калон аст. Хусусан, хонандагони синфҳои 1-3 дар мавриди омӯзиши фанни табиатшиносӣ ба табиати кишвари худ шинос шуда, ба муҳофизату нигоҳубини сарватҳои вай шавқу ҳаваси калон зоҳир менамоянд.

Барои дар ниҳоди хонандагон парваридани ҳисси табиатдӯстӣ ва маърифати экологӣ дар мактаб лозим меояд, ки экскурсияҳоро дар боғи истироҳат, фермаҳои чорводории хоҷагиҳо ва ҳатто музейҳои кишваршиносӣ ташкил карда гузаронанд.

Гузаронидани корҳои беруназсинфӣ оид ба мавзуъҳои «Рӯзи паррандагон», «Ҳафтаи боғ ва беша», «Рӯзи ҳосилот», «Иди гулҳо» ва шабнишиниҳою маҳфилҳои фаннӣ низ шавқу ҳаваси хонандагонро нисбат ба муҳофизати табиат ва нигоҳдории сарватҳои гаронбаҳои он зиёд мегардонад.

***Ҷалилова Мушкинисо -***
***ассистенти кафедраи биология ва методикаи таълими он***

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки соли 2022 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи соли 3-юми факултети молиявию иқтисодӣ Файзуллоев Абубакр (таҳсили рӯзона) додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

******

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки соли 2019 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи соли 4-уми факултети филологияи тоҷик (таҳсили фосилавӣ) Исмоили Аматхони Аламзод додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

******

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки соли 2020 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи соли 5-уми факултети химия ва биология (таҳсили фосилавӣ) Ҳабибова Гулсараҷон додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

******

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки соли 2021 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи соли 4-уми факултети молиявию иқтисодӣ (таҳсили рӯзона) Ширинзода Шаҳбоз додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

******

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки соли 2020 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи соли 4-уми факултети молиявию иқтисодӣ (таҳсили рӯзона ) Сафаров Илҳом додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

******

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки соли 2018 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи соли 4-уми факултети молиявию иқтисодӣ  ( таҳсили ғоибона) Шамсов Шаҳбоз додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

******

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки соли 2021 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи соли 4-уми факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ (таҳсили рӯзона) Ғуломова Махфират додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

******

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки соли 2021 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи соли 4-уми факултети филологияи тоҷик ва журналистика (таҳсили рӯзона) Шодигули Саидхуҷа додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

******

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки соли 2017 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи соли 5-уми факултети факултети химия ва биология (таҳсили фосилавӣ) Наврӯзи Абдурозиқ додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

******

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки соли 2021 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи соли 3-уми факултети факултети химия ва биология (таҳсили ғоибона) Солиев Шоҳрух додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

******

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки соли 2021 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи соли 2-юми факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ (таҳсили ғоибона) Муминов Саидмуҳаммад додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

**Зиёиён ба мардум бояд таблиғ намоянд, ки ба қадри давлату давлатдории миллӣ, рамзҳои давлатӣ - Парчам, Нишон, Суруди миллӣ - расидан лозим аст, Конститутсия ва дигар муқаддасоти миллиро риоя ва эҳтиром намудан вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванд аст. Фаромӯш набояд кард, ки давлат доштан барои ҳар як миллат бахти бузург ва ифтихори бепоён мебошад.**

*Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон*

## МУҲОКИМАИ РИСОЛАИ НОМЗАДӢ

Санаи 16.11.2024 дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ муҳокимаи рисолаи номзадии унвонҷӯйи кафедраи назарияи иқтисодӣ факултети молиявию иқтисодӣ  Раҳимова Қурбонбӣ дар мавзуи “Самтҳои стратегии баланд бардоштани амнияти иқтисодии корхонаҳои комплекси агросаноатӣ (дар мисоли корхонаҳои КАС вилояти Хатлон)” бо роҳбарии доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори Институти иқтисодиёт ва демографи АМИТ Мирсаидов Аврор баргузор гардид.



Дар муҳокима декани факултет номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Фатҳуллозода Абдухолик, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ Шарипов Баҳодур, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи менеҷмент ва маркетинг Шарипова Файзигул ва дигар омӯзгорон иштирок намуданд.

Дар рафти муҳокима ҳамчун муқарризони холис, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Фатҳуллозода Абдухолик ва номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент  Шарипова Файзигул баромад намуда, ҳусну қубҳи рисолаи илмиро арзёбӣ ва пешниҳоду тавсияҳои худро ироа карданд.  Ҳамин тариқ, рисолаи номзадии унвонҷӯй Раҳимова Қурбонбӣ бо дар назардошти тавсияҳо анҷомёфта ҳисобида шуда, барои муҳокимаи давраи навбатӣ тавсия карда шуд.

Раёсати Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба Раҳимова Қурбонбӣ ва роҳбари илмиаш бароpy комёбиҳо таманно намуда, ба ӯ дар ҷодаи илму таҳқиқ муваффақиятҳои нав ба навро орзу менамояд.

## ХУШХАБАР



Санаи 28.11.2024 Ҳусайнова Фарида Бозоровна, муаллими калони кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ рисолаи илмии худро дар мавзуи «Категорияи шахсу шумораи феъли забони тоҷикӣ ва воситаҳои ифодаи он дар забони англисӣ», зери роҳбарии номзади илмҳои филологӣ, дотсент Холиқзода Айниддин барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ, таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-021 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бомуваффақият дифоъ намуд.

Раёсат ва ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ муҳаққиқ ва роҳбари илмияшро барои муваффақона дифоъ намудани рисолаи илмӣ табрику шодбош гуфта, дар фаъолияти минбаъдаи илмиву таҳқиқотияшон барор таманно менамоянд.

## СОЛРӮЗ ХУҶАСТА БОД!

Раёсат, ҳайати профессорону устодон, кормандон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, инчунин ҳайати эҷодии рӯзномаи «Анвори дониш» омӯзгорон ва кормандони зерини донишгоҳро, ки дар моҳи  декабри солиёни гуногун таваллуд шудаанд, табрику таҳният гуфта, аз даргоҳи Яздон барояшон тансиҳатӣ, умри бардавом, сари баланд, тани нерӯманд ва дар кору фаъолияташон комёбиҳои беназирро таманно доранд. Бигузор ҳамеша чун кӯҳҳои Помир сарбаланд, чун Рӯдакӣ хушбаён, чун Саъдӣ дарозумр, чун Ҳофиз шуҳратманд ва чун Ҷомӣ хоксор бошед! Ҳеҷ гоҳ бахт ва Хизр кошонаи шуморо тарк насозанд! Мисли гулҳои баҳорӣ, ки ҳама саросар зебо ҳастанд, зебо бимонед. Хушиву хурсандӣ, ки беҳтарин ҳамсафари инсонанд, доим ҳамсафаратон бод!

Бигузор дар умратон баракат ва дар касбатон муваффақият пайваста амалӣ гардад.

*1. ҚУРАЕВ ҚАРОҚУЛ, 01.12.1951, муаллими калони кафедраи молия ва қарз;*
*2. ШАРИФОВА БУНАФША, 02.12.1978, ассистенти кафедраи биологи ва методикаи таълимии он;*
*3. НАВРУЗОВА ШАМСИЯ, 04.12.1997, ассистенти кафедраи журналистика;*
*4. КОМИЛОВА РАҶАБМО, 06.12.1994, ассистенти кафедраи сиёсатшиносӣ;*
*5. АЪЗАМОВ ХУРСАНД, 07.12.1943, н.и.т., дотсенти кафедраи сиёсатшиносӣ;*
*6. РАҲМОН ДИЛШОД САФАРБЕК, 07.12.1985, д.и.ҳ., профессор, ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ;*
*7. БОБОҚУЛОВ ҶУМАХОН, 09.12.1955, н.и.ф., дотсенти кафедраи адабиёти хориҷӣ бо МТЗАР;*
*8. САФАРОВ ШИРИН, 10.12.1981, муаллими калони кафедраи мудофияи граждани ва ОДҳ;*
*9. СУФИЕВ САДРИДДИН, 13.12.1983, н.и.т., дотсент, мудири кафедраи таърихи халқи тоҷик;*
*10. ХОЛОВ СИНО, 13.12.1989, муовини декан оид ба таълими факултети химия ва биология;*
*11. САБОҲАТИ ИСЛОМ, 14.12.1996, ассистенти кафедраи методикаи таълимии забонҳои хориҷӣ;*
*12. ДАВЛАТОВ МАҲМАДСАФАР, 15.12.1955, муаллими калони кафедраи адабиёти тоҷик;*
*13. САФАРОВ ХОЛМАД, 16.12.1960, н.и.т., дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷик;*
*14. БОБОЗОДА БАХТОВАР, 17.12.1989, мудири бахши таҷрибаомӯзӣ ва кор бо мутахассисони ҷавон;*
*15. МУРОДОВ ШАҲБОЗ, 17.12.1996, ассистенти кафедраи фалсафа;*
*16. САМАРДДИНОВА ЗАЙНАБ, 17.12.1968, н.и.п., дотсент, декани факултети физика ва математика;*
*17. АМИРОВ ЁРАҲМАД, 18.12.1952, ассистенти кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва методикаи таълими он;*
*18. РАҲМАТУЛЛОЕВ АБДУЛАЗИЗ, 18.12.1960, муаллими калони кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва методикаи таълими он;*
*19. НАСИБАИ САЙҲОМИД, 19.12.1994, ассистенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳо;*
*20. ШОИМАРДОНОВА МУНИРА, 20.12.1982, ассистенти кафедраи таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоӣ;*
*21. НАБИЕВА МУҚАДДАС, 22.12.1975, муаллими калони кафедраи психология;*
*22. ИЗАТУЛОЕВ КУГАН, 24.12.1937, н.и.п., дотсенти кафедраи фанҳои табиию риёзӣ ва методикаи таълими онҳо;*
*23. ХОЛИҚЗОДА АҲЛИДДИН, 24.12.1989, муаллими калони кафедраи молия ва қарз;*
*24. ШАРИПОВ АНВАР, 24.12.1988, н.и.п., дотсент, сардори раёсати илм ва инноватсия;*
*25. МИРЗОЕВ СУБҲОН, 29.12.1988, ассистенти кафедраи ҳуқуқшиносӣ;*
*26. ҲАБИБУЛЛОЕВА ШАҲЛО, 29.12.1973, ассистенти кафедраи таърихи халқи тоҷик;*
*27. СУЛТОНОВА МАЙДАМО, 31.12.1967, мудири кабинети кафедраи менеҷмент ва маркетинг;*

*Таҳияи раёсати кадрҳо ва корҳои махсус*

ЗИНАТИ ИНСОН СЕ ЧИЗ АСТ: ИЛМ, МУҲАББАТ ВА ОЗОДӢ
АНВОРИ ДОНИШ

МУАССИС:
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:
РАҲМОН ДИЛШОД САФАРБЕК,
*доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ*
ИБОДОВ МАҲМАДУЛЛО,
*доктори илмҳои фалсафа, профессор*
АБДУСАМАДЗОДА ЭРАҶ,
*номзади илмҳои филологӣ, дотсент*
ХУДОЙДОДОВА ШАРОФАТ,
*номзади илмҳои филологӣ, дотсент*
ҒУЛОМОВ ИСЛОМ,
*доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
АБДУЛЛОЕВ МАҲМУД,
*доктори илмҳои таърих, профессор*
МИРЗОЕВ САЛИМ,
*доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
ИЗЗАТУЛЛОЕВ КУГАН,
*номзади илмҳои педагогӣ, дотсент*
РАФИЕВ САФАРХОН,
*номзади илмҳои педагогӣ, дотсент*
САФАРЗОДА МУНИР,
*номзади илмҳои педагогӣ, дотсент*
ЗУЛФИЕВ ГАДОМАД,
*номзади илмҳои филологӣ, дотсент*

САРМУҲАРРИР:
МУҲАММАДҶОНИ АБДУВОҲИД

ТАРРОҲИ КОМПЮТЕРӢ:
ИБРОҲИМИ ЮСУФ

ШАРТҲОИ ҚАБУЛИ МАВОД:
Дастнавис қабул карда намешавад. Мавод бояд бо ҳуруфи Times New Roman Tj, андозаи 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад. Рӯзнома на ба ҳама афкори муаллифон мувофиқ аст ва андешаҳои мухталифро ба хотири риояи гуногунандешӣ ба табъ мерасонад.

Андеша ва ақидаҳои нашршудаи шахсии муаллифон дар мақолоту гузоришҳо ақидаи расмии ҳайати эҷодии рӯзнома маҳсуб намешавад.
Дурустии асноду далели мақолаҳо ба ухдаи муаллифон аст.

Рӯзнома дар ҶДДМ “Мега-принт” ба табъ расидааст.
Сифати чопи рӯзнома ба дӯши матбаа аст
Адади нашр: 5000 нусха

Нашрия дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №364/РЗ-97, 31.03.2023 аз нав ба қайд гирифта шудааст.

Мавод  бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешаванд.
Рӯзнома тариқи обуна дастрас мегардад.

НИШОНӢ:
735360. ш.Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16
E-mail: anvor.donish@kgu.tj
Телефон: корӣ: (83322) 3-31-15,
мобилӣ: 988-12-32-34; 555-57-59-63

БО МО ҲАМРОҲ БОШЕД!
СОМОНА | FACEBOOK